آواز تاجیک

Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991)

*Бани одам аъзои якдигаранд!*

# Овози тоҷик

3 майи соли 2025
Шанбе
№ 36
(15151)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru


# ОИД БА РУШДИ МИНБАЪДА ВА БАРҚАРОР КАРДАНИ ШУҲРАТИ ҚАДИМИИ ХОРАЗМ НАҚШАҲОИ БУЗУРГ МУҚАРРАР ГАРДИДАНД

***Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев 1-2 май бо мақсади шинос шудан бо рушди минтақаҳо ва ҳаёти мардум, муайян кардани нақшаҳои нави ояндадор аз вилояти Хоразм боздид ба амал овард.***





2 май дар ноҳияи Урганч бахшида ба баррасии вазифаҳои устувор оид ба рушди иқтисодиву иҷтимоии вилояти Хоразм ҷамъомад баргузор гардид.

Президент Шавкат Мирзиёев таъкид кард, ки Хоразм чорроҳаест, ки таърихи пуршараф ва ислоҳоти навини моро ба ҳам мепайвандад.

Метавон гуфт, ки соли гузашта барои ин сарзамини аз занҷири логистикӣ дур ва захираҳои табиияш маҳдуд «соли тиҷорати хурду миёна» гардид. Соли 2024 дар вилоят 7 ҳазор соҳибкори нав ба фаъолият оғоз намуд, 47 корхона аз хурд ба миёна гузашт. Фаъолияти 1 700 корхона дубора роҳандозӣ шуд. Дар натиҷа тӯли сол 290 ҳазор нафар аҳолии вилоят бо кор таъмин гардиданд.

Аммо дар пеш масъалаҳои муҳим қарор доранд. Сатҳи камбизоатӣ дар вилоят то ҳол ҳудуди 12 фоиз буда, 45 ҳазор аҳолӣ бекоранд. Аз ин рӯ, таъкид гардид, ки ҳокимон ва муовинони онҳоро зарур аст, ки ҳар як имкониятро ба лоиҳа табдил дода, ҷойҳои нави корӣ таъсис диҳанд, иқтидори саноатӣ, хидматрасонӣ, сайёҳӣ, кишоварзӣ ва содиротиро боз ҳам афзун гардонанд.

Сарвари давлатамон имкониятҳои ин соҳаҳо ва чораҳои ба кор даровардани онҳоро баён кард.

Масалан, агар иқтидори содиротии сайёҳӣ дар мамлакат 10 миллиард доллар бошад, 2 миллиард доллари он ба Хоразм рост меояд. Афсӯс, ки ин пурра ба кор дароварда намешавад.

Дар вилоят ҷамъ 263 ёдгории мероси фарҳангӣ мавҷуд аст. Агар дар ҳамкорӣ бо соҳибкорон онҳоро ба макони сайёҳӣ табдил диҳанд, даромади иловагӣ ва ҷойҳои корӣ пайдо мешавад. Инчунин, бо ҷалби бостоншиносони варзида аз хориҷ барои муайян кардан ва барқарор намудани мавзеъҳои таърихӣ маблағ ҷудо карда мешавад.

Дар Хоразм беш аз 40 намуди ҳунари мардумӣ рушд ёфта, сайёҳон ба раванди истеҳсоли маҳсулот низ таваҷҷӯҳ доранд.

Дар туризм ҷойҳои хӯрокхӯрӣ хеле муҳиманд. Президент зарурати дастгирии рестораторонеро, ки таомҳои миллии моро дар хориҷ таблиғ мекунанд, таъкид кард. Муқаррар гардид, ки як қисми хароҷоти марбут ба сабти ном, рухсатнома ва корбарии тарабхонаҳои ӯзбекӣ дар хориҷ пардохт мешавад.

Масъалаҳои зиёд кардани ҷой барои меҳмонон ва хидматрасонии нақлиёт, бунёди масканҳои нави дилхушию тематикӣ, омодасозии роҳбаладу пешхидматҳо низ муҳокима шуданд.

Дар маҷмӯъ, дар назди масъулон вазифаи иҷрои 91 лоиҳа ба маблағи 200 миллион доллар, таъсиси 100 ҳазор ҷойи нави корӣ дар соҳаи сайёҳӣ ва хидмат гузошта шуд. Бо ҷалби 2 миллион нафар сайёҳи хориҷӣ ва 10 миллион нафар сайёҳи маҳаллӣ, имконпазир будани аз 700 миллион доллар зиёд кардани содироти сайёҳӣ таъкид гардид.

Дар соҳаи иқтисодиёт низ имконот зиёд аст. Имсол дар Хоразм на кам аз 6 дарсад инкишофи иқтисодӣ таъмин гардида, аз 60 триллион сӯм зиёд кардани маҳсулоти умумии минтақавӣ дар назар аст. 265 ҳазор нафар аҳолӣ бо кор таъмин гардида, аз камбизоатӣ раҳо кардани 104 ҳазор нафар пешбинӣ шудааст.

Масалан, тибқи барномаи хусусигардонӣ, соли 2025 дар вилоят 41 бинои давлатӣ ва 350 гектар замин ба фурӯш гузошта мешавад. Ин барои бахшҳои хидматрасонӣ, сайёҳӣ ва истеҳсолӣ имконияти бузург аст. Дар ҳашт соли охир саноати мебелсозии Хоразм се баробар афзуд. Дар 10 гектар майдони Хонқа минтақаи мебелсозӣ ташкил карда шуд. Бо мақсади рушди минбаъдаи ин шабака аз хориҷ дизайнер, маркетолог, муҳандис-технологҳо даъват карда мешавад.

Дар умум супориш дода шуд, ки бо мақсади такони ин соҳа дар мамлакат барномаи махсус омода карда шавад.

Дар шароити печидаи кунунии ҷаҳон давлате, ки инноватсия ва сармоягузориро ҷалб месозад, бурд мекунад. Дар ин ҷода дар Хоразм низ нақшаҳои бузург мавҷуданд. Аз ҷумла, соли ҷорӣ 12 лоиҳаи бузург ва 480 лоиҳаи минтақавӣ ба маблағи 900 миллион доллар роҳандозӣ мешавад. 65 намуди маҳсулот, 5 хели таҷҳизот истеҳсол гардида, ҳаҷми маҳаллисозӣ ба 1,7 триллион сӯм мерасад. 1,5 миллиард доллар сармояи хориҷӣ ҷалб шуда, 510 миллион доллар ба хориҷ содир мешавад.

Масалан, дар 175 гектар майдони ноҳияи Қӯшкӯпир «Парки технологии Ӯзбекистон – Чин» ташкил мегардад. Дар он татбиқи 16 лоиҳаи сармоягузорӣ ба маблағи 1 миллиард доллар пешбинӣ шудааст.

Дар Тупроққалъа марҳилаи аввали маҷмааи газу кимиё ба маблағи 10 миллиард доллар кори худро сар мекунад. Дар он соле 2 миллион тонна 14 намуди маҳсулоти полимери пойгоҳӣ бо арзиши иловагии зиёд истеҳсол мегардад.

Ҳоло дар Хоразм 663-то корхонаи масолеҳи сохтмон фаъолият дорад ва ин самт ба яке аз шабакаҳои драйверии вилоят табдил ёфтааст. Акнун фурӯши маҳсулоти онҳо тавассути чораҳои молиявӣ дастгирӣ карда мешаванд. Дар шабака боз 40 лоиҳа ба маблағи 100 миллион доллар татбиқ мешаванд.

Дар ноҳияи Тупроққалъа аз тарафи ширкати Словакия бо харҷи 170 миллион доллар кишти растании рапс ва истеҳсоли биоэтанол аз он роҳандозӣ мешавад.

Дар бахшҳои кишоварзӣ 56 лоиҳа ба маблағи 60 миллион доллар татбиқ мегардад. 3400 гектар замин аз нав мавриди истифода қарор меёбад. 1200 гектар боғҳои мевадори саноатӣ барпо мешаванд.

Дар 7,5 ҳазор гектар замини Хоразм якҷо бо ширкати австриягии «Бауэр» роҳандозии обёрии обпошӣ дар назар аст. Дар ин сурат ба фермерон чунин таҷҳизот дар шакли лизинг ба муҳлати 10 сол бо ставкаи 2,5 фоизи солона бо сӯм дода мешавад.

**(Давомаш дар саҳ.4).**

*Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон.*

***Сафорати Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар Миср дастури таълимиро бо забони англисӣ таҳти унвони «Uzbek Language: Complete Self-Study Guide in 22 Lessons» нашр кард, ки барои омӯзиши забони ӯзбекӣ аз зинаи ибтидоӣ пешбинӣ шудааст.***

## ДАР МИСР БАРОИ ОМӮЗИШИ ГАРАММАТИКАИ ЗАБОНИ ӮЗБЕКӢ КИТОБ НАШР ШУД

Ин дастур бо назардошти таҷрибаи омӯзиши забонҳои хориҷӣ ва тавсияҳои мутахассисони Донишгоҳи давлатии забонҳои ҷаҳони Ӯзбекистон ва Донишгоҳи давлатии шарқшиносии Тошканд таҳия шудааст.

Дар муқаддимаи китоб хусусиятҳои забони ӯзбекӣ, марҳилаҳои инкишофи он ва таърихи ташаккули миллати ӯзбек тавсиф ёфтаанд.

Қисми асосии китоб аз 22 дарс иборат аст, ки дар муқоиса бо дигар дастурҳо ба тавзеҳи муфассали мавзӯъҳои бузург намепардозад, балки ба омӯзиши қоида ва сохторҳои муҳиме, ки барои омӯзиши забони хориҷӣ заруранд, нигаронда шудааст.

Ба шарҳи замонҳои феъл дар забони ӯзбекӣ таваҷҷуҳи махсус дода шудааст. Зеро он бисёр вақт барои донишҷӯёни хориҷӣ душворӣ ба миён меорад. Дар китоб ин қоидаҳо бо тарзи содашуда ва бо муқоиса ба забони англисӣ шарҳ дода шудаанд, ки аз усулҳои анъанавӣ фарқ мекунад.

Ҳар як дарс бо машқ ва матнҳои кӯтоҳ анҷом меёбад, дар ҳоле ки шумораи машқҳо маҳдуд аст, то шогирд аз ҳад зиёд сарборӣ нашавад.

Дар охири китоб қисмҳои иловагӣ мавҷуданд, ки омӯзиши забонро осон мегардонанд. Дар он ҷо ба гуфтугӯҳои диалекти ӯзбекӣ ва фарқиятҳои онҳо дахл карда мешавад, инчунин калимаҳои иқтибосие, ки дар забони адабии ӯзбекӣ нестанд, вале ба таври васеъ истифода мешаванд, пешниҳод шудаанд.

Илова бар ин, дар китоб шеър ва сурудҳои машҳури ӯзбекӣ бо тарҷумаи мустақими вожаҳои душвор оварда шудаанд, инчунин маълумоти ҷолиб дар бораи Ӯзбекистон, шаҳрҳои қадимаи он ва шахсиятҳои барҷастаи таърихӣ пешниҳод мегардад.

Дар поёни китоб луғати хурди ӯзбекӣ-англисӣ ҷой дода шудааст, ки беш аз 2500 вожаро дар бар мегирад. Ин калимаҳо бо истифода аз таҳлили басомад тавассути барномаҳои мухталиф интихоб шудаанд.

Сафорати Ӯзбекистон ин дастурро байни китобхонаҳои Миср ва донишҷӯёни Донишгоҳи Қоҳира, ки забони ӯзбекӣ меомӯзанд, паҳн мекунад. Дар оянда тавассути сафоратҳои Ӯзбекистон ба дигар кишвар, донишгоҳҳое, ки дар онҳо забони ӯзбекӣ тадрис мешавад, фиристодани китоб дар назар аст.

Ин дастур барои аудиторияи байналмилалӣ дар шакли электронӣ ва чопи ранга дар платформаи «AMAZON» дар кишварҳои Амрико, Аврупо ва Осиё, инчунин ҳамчун замима дар «Google Books» ва «Google Play» дастрас мебошад.

Илова бар ин, китоб ба забони русӣ тарҷума шуда, дар шакли электронӣ бо унвони «Узбекский язык: Полный курс за 22 урока» дар платформаи «LITRES» пешниҳод шудааст.

Ҳоло тарҷумаи дастур ба забони арабӣ идома дорад.

**АИ «Дунё»,**
ш. Қоҳира.

*Муносибат*

## НИЗОМИ СУҒУРТА: ИМКОНИЯТ БАРОИ ИСТЕҲСОЛКУНАНДАГОНИ МАҲСУЛОТИ КИШОВАРЗӢ

***Дар кишварамон барои рушди минбаъдаи бозори молия, фарогирии соҳибкорон бо хидматрасониҳои босифати молиявӣ, дастгирии фаъолияти ташкилотҳои суғурта, инчунин ҳифзи ҳуқуқи истеъмолгарон дар ин соҳа чорабиниҳои сохторӣ амалӣ мегарданд.***

Дар марҳилаи муҳими ислоҳоти имрӯза бо мақсади таъмини рушди устувори иқтисодиёт зарурати тақвият бахшидан ба нақши бозори суғурта ва истифодаи васеи воситаҳои суғуртавӣ дар ҷумҳурӣ ба миён меояд. Аз ҷумла, мушкилоте, ки бо пурзӯршавии тағйирёбии иқлим марбутанд ва ба соҳаи аграрӣ хисороти ҷиддӣ мерасонанд, торафт хусусияти глобалӣ касб мекунанд. Яъне истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ дар натиҷаи офатҳои табиӣ, чун борони пуршиддат, жола, сел, тӯфон ё зараррасонҳо, ки ба ҳосил осеб мерасонанд, хисороти ҷиддии иқтисодӣ мебинанд.

Танҳо дар соли 2023 дар натиҷаи таъсири сардии ғайриодии фасли зимистон 9,1 ҳазор гектар боғ ва 4 ҳазор гектар токзори кишварро сармо зад, ки дар натиҷа 207 ҳазор тонна ё 8,5 фоизи ҳосил талаф ёфт ва ин вазъи молиявии баъзе фермерҳоро душвор гардонид.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки самарабахштарин усули идоракунии хатарҳо ҷиҳати таъмини истеҳсоли пайваста ва устувории молиявии соҳаи кишоварзӣ, маҳз суғурта мебошад. Дар амалия, стратегияҳои гуногун барои идоракунии хатарҳо дар кишоварзӣ таҳия шудаанд, аммо агросуғурта ҳамчун як воситаи муассири муҳофизат аз хатар ва талафоти ғайриинтизор дар соҳаи кишоварзӣ боқӣ мемонад.

Азбаски кишоварзӣ соҳаи махсус ва дорои сатҳи баланди хатар аст, дар панҷ соли охир дар ин бахши кишоварзии Ӯзбекистон суғуртаи ҳосил амалӣ намегардид.

Ҳоло дар парвариши маҳсулоти кишоварзӣ асосан суғуртаи хатари бознагардонидани кредит истифода мешавад. Аммо чунин намуди суғурта танҳо барои баргардонидани кредитҳои имтиёзнок хидмат карда, ҳосили парваришёфта бидуни суғурта боқӣ мемонад.

Агар ба таҷрибаи байналмилалӣ эътибор диҳем, дар аксар мамлакатҳои ҷаҳон суғуртаи кишоварзӣ ба таври васеъ ҷорӣ гардида, дар беш аз 50 давлат ин амалиёт бо қонуни алоҳида танзим мешавад. Суғуртаи кишоварзӣ дар Испания аз соли 1978, дар Туркия аз соли 2006 ва дар Озарбойҷон аз соли 2019 бар асоси қонунҳои алоҳида ҷорӣ шудааст.

Чанде пеш аз ҷониби Президент Қонун «Дар бораи суғуртаи хавфи кишоварзӣ» имзо гардид. Ҷиҳати молики аҳамияти ин қонун дар он аст, ки масъалаҳои муҳими соҳаро фаро гирифта, бо он ба бархе мушкилоти соҳа нуқта гузошта шуд.

Мувофиқи ин ҳуҷҷат, барои ҳифзи истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ аз таваккалкориҳои гуногун ва кафолат додани даромади устувори онҳо Бунёди суғуртаи кишоварзӣ таъсис меёбад. Ташкили татбиқ ва идоракунии он, таъмини пардохти товони зараре, ки аз рӯи шартномаи суғурта ба истеҳсолкунандагони хоҷагии қишлоқ расонда шудааст, чун вазифаи асосии бунёд муқаррар гардидааст.

Барои роҳбарии умумӣ ба фаъолияти бунёд Шӯрои идоракунии бунёд ташкил мегардад. Ҳайати шӯро аз ҳафт нафар иборат буда, ба он муовини вазири кишоварзӣ сарварӣ мекунад.

Арзёбии талафоти суғуртаи кишоварзӣ ва муайян намудани ҳаҷми зарар дар натиҷаи ҳолатҳои суғуртавӣ ба зиммаи як ниҳоди нав — коршиносони мустақил вогузор карда мешавад.

Дар самти суғурта кардани хатарҳо дар соҳаи кишоварзӣ аз тарафи давлат механизми дастгирӣ роҳандозӣ мегардад. Аз ҷумла, дар санад пешбинӣ шудааст, ки 50 фоизи мукофоти суғурта аз ҷониби давлат пардохт мегардад. Ҳамчунин, дар ҳолати нокифоя будани маблағҳои Бунёди суғуртаи кишоварзӣ барои ҷуброни зарар аз офатҳои табиӣ ва дигар хатарҳои ба истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ расондашуда, қисми боқимонда аз ҳисоби буҷаи ҷумҳуриявӣ пардохта мешавад.

Дастгирии давлатии суғуртаи кишоварзӣ, дар баробари таъмин намудани устувории иқтисодии деҳқонон ва фермерҳо, дар таъмини амнияти маҳсулоти озуқавории кишвар низ аҳамияти калон дорад.

Саволи барҳақ ба миён меояд: шартномаҳои суғуртаи кишоварзӣ тибқи кадом омилҳо таҳия мегарданд? Бояд гуфт, ки тибқи қонун истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ дар истеҳсоли маҳсулот метавонанд дар асоси як ё якчанд хавфу хатарҳо шартномаҳои суғуртаи кишоварзиро ба имзо расонанд. Офатҳои табиӣ ва техногенӣ, сӯхтор, зарар дидани растанӣ аз ҳашароти зарарасон ва бемориҳо, паҳншавии бемориҳои сироятии ҳайвоноти кишоварзӣ ва заҳролудшавии онҳо, осеб дидани киштзор аз ҷониби ҳайвоноти ваҳшӣ ва ё зарар расонидан ба ҳайвоноти кишоварзӣ аз ин ҷумлаанд.

Қонуни мазкур, ки дар миёнаи моҳи июли соли равон эътибор пайдо мекунад, пеш аз ҳама барои танзими муносибатҳои ҳуқуқӣ оид ба иҷрои ӯҳдадориҳои суғурта, ки баҳри ҷорӣ намудани низоми суғуртаи ҳосил дар соҳаи кишоварзӣ, фароҳам овардани шароити мусоид барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ имкон медиҳад, замина фароҳам меорад. Дар навбати худ, мо – депутатҳоро зарур аст, ки мазмуну моҳияти ин ҳуҷҷатро дар байни аҳолӣ, аз ҷумла, деҳқонони заҳматкаш ва фермерҳо васеъ ташвиқ ва таблиғ намоем.

**Абдуманноп БӮРИЕВ,**
**депутати Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис.**

Фидоиёни касб

# ТО НАКӮШӢ, НАБОШАДАТ ЗАФАРЕ

Умедҷон Нуруллоев соли 2023 ба вазифаи директори мактаби миёнаи рақами 10-уми ноҳияи Сӯх таъин шуд ва дар таълимгоҳ як қатор дигаргуниҳои куллӣ ба вуқӯъ пайваст. Ҷамоаи педагогии ин даргоҳи маърифатӣ дар зери як мақсад муттаҳид гардиданд.

Корҳои ободонӣ ба дараҷаи назаррас вусъат ёфт. Бо ташаббуси ӯ барои ғанигардонии базаи моддиву техникии мактаб (бо дастгирии аҳли маҳалла ва хосатан ҷавонон) дар ҷараёни лоиҳаи «Буҷаи кушод» борҳо ғолибиятро ба даст овард, дар овоздиҳии кушод, ки соҳиби 1 миллиарду 148 миллион сӯм маблағ гашт, бо ҷиҳозҳои зарурӣ таъмин карда шуд. Дар ҷараёни лоиҳаи «Мактаби ман» низ хонандагон бо овоздиҳии озод ширкат намуда, 50 миллион сӯмро бурд намуданд, ки барои роҳандозии турникет ва таъмин бо ускунаҳои таълимии технологӣ масраф хоҳад шуд.

Бо дастгирии бошандагони деҳа, моҳи марти соли ҷорӣ дар маросими «Опен бюджет»-и навбатӣ иштирок намуда, миқдори 1 миллиарду 280 миллион сӯмро, ки барои беҳдошти сифати таълиму тарбия ва шароит нигаронида хоҳад шуд, ба даст оварданд. Мактаби рақами 10 соли гузашта аз рӯи номинаи мактаби беҳтарин дониста шуда, ба гирифтани тӯҳфаи вазир (маҷмӯи роёна, принтер ва хунуккунаки замонавӣ) мушарраф гардонида шуд. Дар мактаб гузаронидани ҳар гуна ҳамоишҳои тарафайни ҷумҳуриҳои ҳамҷавор хеле хуб ба роҳ монда шудааст.

Сафири Тоҷикистон дар Ӯзбекистон Абдуҷаббор Раҳмонзода вазъи таълиму тарбияи ин даргоҳи маърифатиро дид ва басо хурсанд шуда, дар саҳни ҳавлии дабистон ниҳоли дӯстӣ шинонд.

Дар ҳамин давраи корбарии директори ҷавон гурӯҳу маҳфилҳои фаннӣ роҳандозӣ карда шуда, шогирдони омӯзгорон соҳиби сертификат гардиданд.

Хонандагон дар мусобиқаи ноҳиявии «Мактаби беҳтарин донандагони забони хориҷӣ» сарбаландона ширкат варзида, ҷои ҷоизавӣ (75 миллион сӯм)-ро ишғол намуданд.

Ҷамоаи омӯзгорон ва тими «Заковат» дар вилоят ҷои аввалро гирифта, дар Тошкандшаҳр низ сабқат намуданд. Бо кӯшиши омӯзгорони тарбияи ҷисмонӣ тими «Лазар» дар бозии телевизионии «Стартҳои шавқовар » ғолиб гашта, соҳиби роҳхати иштирок кардани зинаи ҷумҳурӣ гардиданд. Соли ҷорӣ 16 нафар хатмкардагони мактаб ба мактабҳои олӣ дохил шуданд. Мактаб пурра ба сохтори электронӣ гузаронида шудааст.

Ду нафар омӯзгор соҳиби сертификати байналхалқӣ ва миллӣ гардиданд.

Якчанд муаллимон соҳиби рутбаи якуму олӣ гардиданд.

Хулоса, ҳамаи ҳаракату кӯшишҳои ӯ бахри рушди соҳаи таълим, баландбардории нишондод ва қадам ба сӯи беҳбудӣ аст.

Рукниддини Авҳадӣ ин сатрҳоро маҳз дар ҳаққи шахсоне чун Умедҷон, ки фидоии касби худ ҳастанд, баён намудааст:

*Нашавад марди пухта бе сафаре,*
*То накӯшӣ, набошадат зафаре.*

**Ҳошими ҲАКИМПУР,**
**омӯзгори мактаби рақами 10-уми ноҳияи Сӯхи вилояти Фарғона.**

***Дар Донишгоҳи давлатии Навоӣ таҳти унвони «Рӯзи карера» ярмаркаи меҳнатӣ баргузор гардид. Дар он наздик ба 2000 нафар донишҷӯён иштирок карданд. Ба онҳо беш аз 100 корхонаву муассиса, бонкҳои тиҷоратӣ ҷойҳои корӣ пешниҳод намуда, доири фаъолият дар ин муассисаҳо маълумоти батафсил доданд.***

# ЯРМАРКАИ МЕҲНАТӢ — ДАР ДОНИШГОҲ

Донишҷӯён бо намояндагони соҳаи худ рӯ ба рӯ сӯҳбат карданд. Дар ярмарка бо 217 нафар донишҷӯёни хатмкунанда шартномаҳо оид ба қабул ба кор имзо гардид.

Дар чорабинӣ ҷонишини ҳокими вилояти Навоӣ Ҷамшед Хоҷаев, ректори Донишгоҳи давлатии Навоӣ, профессор Муҳиддин Калонов, ҳамчунин роҳбарони корхонаву муассисаҳо иштирок намуданд.

Соли равон донишгоҳро 5288 нафар донишҷӯён хатм мекунанд. Аз онҳо 2480 нафар дар шуъбаи рӯзона, 187 нафар дар шуъбаи шабона ва 2223 нафар дар шуъбаи ғоибона таҳсил мегиранд. Хатмкунандагони шуъбаи магистратура 101 нафар мебошанд.

**Ӯзбакбойи РАҲМОН,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти НАВОӢ.*

# ОИД БА РУШДИ МИНБАЪДА ВА БАРҚАРОР КАРДАНИ ШУҲРАТИ ҚАДИМИИ ХОРАЗМ НАҚШАҲОИ БУЗУРГ МУҚАРРАР ГАРДИДАНД

**(Аввалаш дар саҳ.1).**

Фермерони хоразмӣ барои кам кардани арзиши аслӣ ҳаракат карда, ба трактор «автопилот»-и замонавӣ шинонданд. Дар натиҷа пунба дар замин тибқи тартиби амиқ кошта шуда, сифат афзуд. Зикр гашт, ки барои дастгирии ин ташаббус кредити имтиёзнок тақдим карда мешавад.

Дар вилоят обёрии майдонҳои кишт кори осон нест. 21 дарсади насосҳои ҷумҳурӣ дар ин ҷо ҷойгиранд. Зарурати дар онҳо гузоштани панелҳои офтобӣ ва ба ин тариқ кам кардани хароҷоти барқ таъкид гардид. Чораҳои рушди моҳипарварӣ, коркарди шир, парвариши маҳсулоти иловагӣ дар саҳро муқаррар карда шуд.

Бо мақсади баланд бардоштани некуаҳволии мардум корҳои бунёдкорӣ низ пешбинӣ шудааст. Аз ҷумла, соли равон 200 бинои бисёрошёнаи дорои 7 ҳазор хонадон сохта мешавад, 1,5 ҳазор километр роҳ ва 20-то пул таъмир мегардад. Дар ин соҳа 20 ҳазор нафар аҳолӣ бо кор таъмин мешаванд.

Вазифаҳои рушди иҷтимоӣ низ ба миён гузошта шуданд. Ба масъалаҳои зиёд кардани масканҳои тиббӣ, тавсеаи амалиёти ҷарроҳии технологии баланд, солимгардонии аҳолӣ, фарогирии толибилмони техникум ва боргоҳҳои таълими олӣ бо таълими дуалӣ, таъмини шуғли ҷавонон диққати махсус дода шуд.

Дар ҷамъомад ахбори мутасаддиён аз рӯйи нақшаҳо ҷиҳати иҷрои чораҳои муайянгардида шунида шуд.

Сипас сарвари давлат бо фаъолияти корхонаҳои нави «Урганч кластер»-и Хоразм шинос шуд.

Аз таъсиси кластер панҷ сол гузашт. Имрӯз он як «занҷир»-и мукаммалест, ки тамоми равандҳо – аз парвариши ашёи хоми пахта то дӯхтани либоси тайёрро пурра фаро мегирад. Дар ин система 3000 нафар бо кор таъминанд.

Соҳибкор пахтаеро, ки дар 8500 гектар майдон парвариш шудааст, 100 фоиз коркард мекунад. Барои ин заводҳои пахтатозакунӣ ва равған мавҷуданд.

Ҳоло иқтидори ресандагӣ ва бофандагии корхона афзуд. Бар ивази сармоягузории иловагӣ боз фаъолияти ду корхона ба роҳ монда шуд. Таҷҳизоти замонавии Олмон, Ҷопон ва Туркия насб гардидааст.

Дар корхона маркази таълиму таҷриба таъсис ёфтааст. Дӯзанда ва дизайнер-мутахассисон нахуст дар ин ҷо асрори корро омӯхта, баъд бо кор машғул мешаванд.

Дар натиҷаи ин ҳаҷми истеҳсолот дар сатҳи назаррас афзуд. Иқтидори солонаи омодасозии қариб 10 ҳазору 800 тонна наху калоба ва 3 миллион дона маҳсулоти дӯзандагӣ фароҳам гардид.

Президент Шавкат Мирзиёев аз фабрикаи нав боздид ба амал оварда, бо раванди кор шинос шуд, маҳсулоти тайёрро аз назар гузаронд. Бо зану духтарони дӯзанда сӯҳбат кард. Ба музди меҳнат, шароити кории онҳо мароқ зоҳир кард.

Қисми асосии либосҳои босифате, ки дар ин ҷо истеҳсол мегарданд, содир мешаванд. Иқтидори солонаи содиротии корхона дар атрофи 28 миллион доллар аст.

Аз рӯйи зиёд кардани хел ва сифати маҳсулот, тавсеаи доираи содирот, кам кардани арзиши аслии маҳсулот аз ҳисоби сарфаи энергия тавсияҳо дода шуданд.

Роҳбари давлат Шавкат Мирзиёев аз Маркази минтақавии таҷрибаҳои касбӣ, ки дар шаҳри Урганч сохта шудааст, дидан кард.

Маҷмаа аз ҳисоби 9 миллион доллар маблағи гранти Агентии байналмилалии ҳамкории Корея – KOICA бунёд гардидааст. Таҷҳизоти зарурӣ, асбобҳои симулятсионӣ барои касбҳои замонавӣ насб шудааст. Дар ин ҷо 10 ихтисосе, ки талаб зиёд аст, аз ҷумла, хидмати техникӣ ба нақлиёт, кафшергарӣ, механикаи борбардорӣ, таъмири асбобҳои электронӣ ва маишӣ, мебелсозӣ, сартарошӣ ва косметология, мобилография ва хидмати меҳмонхонаҳо омӯхта мешавад.

Барои ин қариб дар 2 гектар майдон биноҳои замонавии таълимӣ, хонаҳои машғулоти амалӣ, хобгоҳ барои 64 нафар ва дигар иншооти ёрирасон сохта шудааст. Муассиса солона барои бозомӯзии 300 нафар шунаванда дар курсҳои шашмоҳаи омодагии касбӣ имкон дорад.

Президент аз хонаҳои омӯзишӣ дидан кард. Бо ҷавononе, ки дар самти меҳмонхона таҳсил мегиранд, суҳбати самимӣ орост.

– Аэропорти Урганчро дар ҳамкорӣ бо фурудгоҳи Инчон ба сатҳи ҷаҳонӣ мебардорем. Марказҳои бузурги сайёҳӣ, меҳмонхонаҳо месозем. Акнун барои он, ки сайёҳони хориҷӣ бештар оянд, хидматрасонӣ низ бояд дар сатҳи байналмилалӣ бошад. Онҳо барои таъриху табиати мо меоянд ва агар хидмат хуб бошад, хурсанд шуда бармегарданд. Дар ин ҷода бисёр чиз аз муомила, ахлоқ ва сатҳи хидматрасонӣ вобаста аст. Бинобар ин, аз ин имконият истифода намуда, касбро хубтар омӯзед. Дар оянда худатон кӯшиш кунед, ки соҳибкор шавед, – гуфт Шавкат Мирзиёев.

Дар марказ таҳти ҳамкории Агентии муҳоҷират, ширкатҳои «Hyundai»-и Корея ва «SBH West»-и Олмон ихтисоси хидматрасонӣ ба электромобилҳо низ роҳандозӣ шудааст. Ин барои омода кардани кадрҳои ба талаботи бозори меҳнати дохилӣ ва хориҷӣ мувофиқ имкон медиҳад. Ҳамкории байналмилалӣ хуб ба роҳ монда шудааст. Моҳи январи соли равон кормандони роҳбарикунандаи марказ дар курсҳои таълимии дуҳафтаинаи Ҷумҳурии Корея такмили ихтисос намуда баргаштанд. Ҳоло дар ин мамлакат беш аз 20 нафар омӯзгор ва мураббиён такмили ихтисос мекунанд.

Сарвари давлатамон таъкид кард, ки саноатикунонии омодагии касбии тахассусӣ асоси рушди давлат мебошад. Бобати истифодаи самараноки таҷҳизоти таҷрибавӣ, ташкили оқилонаи бастҳои дарс, таълими бештари ҷавонон дастурҳо дода шуд.

Бо ҳамин сафари Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев ба вилояти Хоразм ба анҷом расид.

**Зиёдулло ҶОНИБЕКОВ,**
**Икром АВВАЛБОЕВ,**
**Аҳмадҷон ШОКИРОВ,**
**мухбирони махсуси ЎзА.**

# ДУРЕДГАРЗАНҲО ҚУТТИҲОИ ЧӮБӢ МЕСОЗАНД

Вақте ки дар бораи касбу кори устоӣ ё худ дуредгарӣ ҳарф мезанем, пеш аз ҳама симои мардҳо пеши назарамон меояд. Оё шунидаед, ки занҳо ҳам ба ин касбҳо шуғл меварзанд? Оре, ҳастанд заноне соҳибкоре, ки барои амалӣ намудани дастури давлатии бо кор банд намудани аҳолӣ, алалхусус занону духтарон, коҳиш додани камбизоатӣ ва ба ҳаёти ободу фаровон гом ниҳодани оилаҳо қадамҳои устувор мегузоранд. Яке аз ҳамин гуна занони ташаббускор дар ноҳияи Шӯрчӣ сокини маҳаллаи «Совҷиронбобо» Гулсоат Кунарова мебошад. Касби ӯ омӯзгорӣ аст. Баробари муаллимӣ ӯ муваффақ гардид, ки якчанд занони маҳалларо бо кор банд намояд.



Қариб 5 сол инҷониб Г.Кунарова аз чӯбу тахтаи одӣ қуттиҳое, ки барои маҳсулоти экспортбоб хосанд, тайёр менамояд. Дар ин касб ӯ аллакай устои моҳири гулдаст шудааст. Кору фаъолияти ин тадбиркорзан, ки дар як рӯз ба ҳисоби миёна 100 дона қуттии чӯбӣ барои экспорти мева месозад, ба таърифу таҳсин сазовор аст.

– Бо тадбиркорӣ машғул шуданро аз аввал ҳавас мекардам, – мегӯяд Гулсоат Кунарова. – Ин орзуву ниятам соли 2021 амалӣ гашт. Инак, панҷ сол боз бо масолеҳи чӯбӣ қуттиҳои гуногунандоза месозем. Мавсими кори мо аз моҳи апрел то ноябр сурат мегирад. Дар зимистон аз сабаби сармо ва ба худ нам кашидани чӯбу тахта меҳнатамон самара намедиҳад. Доимӣ 5 нафар ва мавсимӣ 15 нафар занонро бо кор банд месозем. Қуттиҳоро барои меваи зардолу, шафтолу, себ, нок, ангур, лимӯ ба супориши миҷозон нигоҳ карда месозем. Даромади заноне, ки бо ман меҳнат мекунанд ба ҳисоби миёна дар як рӯз 150-200 ҳазор сӯмро ташкил мекунад.

Гурӯҳи устозанҳо касби худро аллакай хуб омӯхтаанд. Дар моҳирӣ ва чаққонӣ ба онҳо баробар шудан мушкил. Вақте ки ҷараёни коркунии онҳоро муоина мекунед, мебинед, ки фурсате нагузашта аллакай қуттиеро сохта ба дигараш мегузаранд.

Боиси хушнудист, ки қариб дар ҳамаи маҳаллаҳои ноҳия сафи заноне, ки аз замини наздиҳавлӣ, гармхонаҳо самаранок истифода мебаранд, ба парандапарварӣ, харгӯшпарварӣ, асалпарварӣ шуғл меварзанду даромад ба даст меоранд, имрӯзҳо нисбат ба солҳои пешин хеле афзоиш ёфтааст.

Албатта, ҳар яки мо мехоҳем, ки зиндагии фаровон, осуда дошта бошем. Заноне, ки дар асл кадбонуи хонаанд, баробари мардон баҳри ободии оила, зиндагии фаровон часпу талош доранд. Оне, ки ҳаракат мекунад, албатта, баракат мебинад ва ба мурод мерасад.

**Нигина ШОЕВА,**
*ноҳияи Шӯрчии вилояти Сурхондарё.*

# ДАСТИ ДАРОЗИ ЮСАИД КӮТОҲ ШУД

***Аввали моҳи феврал президенти ИМА Доналд Трамп фаъолияти USAID (Агентии Иёлоти Муттаҳида оид ба тараққиёти байналхалқӣ)-ро ба муддати се моҳ боздошта буд ва ҳоло акнун пас аз чанд рӯз ин мӯҳлат ба поён мерасад ва ҳанӯз сарнавишти он пас аз гузашти 90 рӯз чӣ мешавад, маълум нест. Ҳоло аслан баҳс рӯйи тақдири агентӣ нест, балки корномаву қиёфаи ҳақиқии он дар беш аз шаст соли таърихи фаъолияташ мебошад.***

Вақте ки соли 1961 агентӣ таъсис ёфт, зоҳиран хеле мақсадҳои хуб ва инсонпарваронаро дар назди худ гузошт ва дар ҳар кунҷи дунё ба хотири демократия ва арзишҳои аслии башарӣ амалҳои шоистаро аз мақсадҳои асосӣ қарор дод. Лекин оё то чӣ андоза ба ин ормонҳои эъломнамудаи худ риоя кард?

Пас аз он ки фаъолияти агентӣ боздошта шуд, маъмурияти Трамп кирдорҳои онро фош кард ва маълум гардид, ки он дар тӯли даҳсолаҳои охир асосан бо даҳолат ба корҳои дохилии мамлакатҳои мустақил, ки сиёсату роҳашон мақбули Вашингтон нагардидааст, машғул гардида, вазъи сиёсӣ ва иҷтимоии онҳоро халалдор карда, ҳатто дар баъзе аз онҳо табаддулотҳои сиёсӣ ва давлатӣ ба вуҷуд овардааст.

Роберт Кэннеди, ки ҳоло дар маъмурияти Трамп дар вазифаи вазири тандурустӣ мебошад, мегӯяд, ки пас аз соли 1947 ИМА то соли 1997 дар 83 мамлакат ҳукумати қонунии онҳоро бо роҳи даҳолат кардан сарнагун кардааст, дар баъзеаш ҳатто то 2-3 бор ин амали худро такрор намудааст.

Аз 10 ҳазор нафар ходиме, ки доштааст, 97 фоизаш аз вазифа ихтисор карда шуд. Як тасаввур намоед, ки ин миқдор ходим дар мамлакатҳои мухталифи ҷаҳон, ки 130 намояндагӣ дорад, бо вазифаҳои масъулиятноки «омӯзондани» демократия, озодии баён, таҳаммулпазирии ҷинсиву либерализии арзишҳои милливу ҷамъиятӣ бо буҷети солонаи беш аз 50 миллиард доллар машғул гардиданд, пояҳои ҳар гуна давлати ҷавон ва аз лиҳози иқтисодӣ заифро суст ё хароб кардан мумкин аст. Агар ин миқдори буҷети агентиро, фаразан, бо ММД Ӯзбекистон қиёс намоем, ҳамагӣ чор сол пеш он дар ҷумҳурӣ 66,44 миллиард долларро ташкил менамуд.

Боз ҳамон Роберт Кэннедии вазир дар мусоҳибааш мегӯяд, ки аз соли 2014 агентӣ барои ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва матбуоти Украина 5 миллиард доллар харҷ намудааст. Гуфта мешавад, ки аз соли 2022 – оғози бӯҳрони Украина – барои нигоҳ доштани ниҳодҳои давлатии он 35 миллиард (!) пардохта шудааст, ки дар ин хусус собиқ вазири корҳои хориҷии ИМА Виктория Нуланд бо ифтихор баён карда буд. Агар ба ҳисоб бигирем, ки беш аз 90 фоизи маблағи агентӣ аз буҷети давлатӣ таркиб меёбад, пас ҳоло аз ин даромад маҳрум гардида, баъди қатъ гардидани фаъолияташ кораш тақрибан фалаҷ гаштааст.

Аслан «дӯстдоштатарин» соҳа ва ходимони агентӣ воситаҳои ахбор ва журналистон мебошанд. Ин ҳам беҳуда нест, зеро матбуот аз муҳимтарин василаи тарғибот ва мағзшуӣ мебошад, ки то ба қишрҳои гуногун ва аксарияти аҳолӣ расида рафтан кӯтоҳтарин ва таъсирбахштарин роҳ аст. Ахиран маълум гардидааст, ки то моҳҳои охири фаъолияташ агентӣ 707 воситаи ахбор, 9 ҳазору 200 нафар журналист ва 239 ташкилоти ғайритиҷоратии марбут ба матбуоти хориҷиро дар таъминоти моддии худ нигоҳ медоштааст. Дар ҷумҳуриҳои собиқи шӯравӣ, барилова ба Украинаи ҳамеша бесубот, Гурҷистону Қирғизистон ва Молдоваю Арманистонро ном бурдан мумкин аст, ки дар се даҳсолаи охир бо «дасти кушоду марҳамати» агентӣ ва гумоштагони дохилии он борҳо ҳукуматҳои қонунӣ вожгун гаштаанд, ё нооором карда шудаанд.

Дар Ғарб ба тарафи матбуоти мамлакатҳои рӯ ба тараққии дигар минтақаҳо ишора карданро дӯст медоранд, ки аз ҳисоби давлат фаъолият мекунанду аз сиёсати он озод буда наметавонанд. Пас чаро расонаҳои амрикоии ҷаҳонӣ, мисли «Ассошиэйтед-пресс» ва радиои «Озодӣ – Аврупои озод» аз манбаи даромади буҷетиашон маҳрум гардида, доду пархош карданд, ки «чаро аз манбаи даромади давлатӣ» онҳоро канор андохтанд.

Равшан назар андозем, зери ниқоби ин кумакрасону демократихоҳон на ҳамеша нияту мақсадҳои шаффофу хайрхоҳона ва беғараз ниҳон асту бетамаъ мебошад. Бо баъзе ҳамкасбони журналисти мо, ки барои расонаҳои Ғарб кор мекунанд, ҳолатҳое низ зиёд рух медиҳад, ки дар сурати ба сиёсати «менстрим», яъне мавқеи гурӯҳи давлатҳои соҳиби расона мутобиқ наомадани мазмуну мӯҳтавои матолибу гузоришашон, фаъолияташон дар он расонаҳо дер намепояд ва дар натиҷа дар ин мамлакатҳо рӯйдоду сиёсатҳои кишвару иттиҳоди давлатҳои «номақбул» барои ҷамъият яктарафа ва нодуруст талқин мегардад.

Ҷойгоҳи он дар Ӯзбекистон чӣ гуна аст? Бинобар иттилои шабакаҳои мухталиф, ки аз манбаъҳои кушод дарёфт намудаанд, дар 10 соли охир агентӣ барои ҷумҳурӣ бештар аз 247 миллион доллар пардохтааст, ки барои институтҳои ҷамъиятӣ ва масъалаҳои гуманитарӣ ихтисос ёфтааст. Аз ҷумла, танҳо соли 2023 барои «дастгирии саводомӯзии матбуотӣ ва мубориза бар зидди иттилооти дурӯғин» 12 миллион доллар пардохт гаштааст.

**Тоҷибой ИКРОМОВ,**
**шореҳи сиёсии «Овози тоҷик».**

***1 майи соли ҷорӣ ҳокимияти шаҳри Тошканд дар майдони назди Китобхонаи миллӣ фестивали анъанавии «Гулҳои Тошканд»-ро оғоз намуд. Композитсияи гулҳое, ки ин мавзеъро ба як манзараи зебову аҷиб табдил дода буд, рӯҳи зебои фасли баҳор, салоҳияти маданӣ ва эстетикии пойтахтро ба аҳолӣ ва меҳмонон намоиш медод.***

# ИДИ ГУЛ – ДАР ТОШКАНД

Баробари ба майдони бо гулу буттаҳо орододa ворид шудан назари кас ба композитсияи рамзи Ӯзбекистони Нав – «Монументи Истиқлол» меафтад, ки онро бо гулҳо дар намуди байрақи Ӯзбекистон зеб додаанд. Ду тарафи пайраҳаи майдон бо гулҳои овезон шакли даҳлези гулзорро мемонд. Дар майдон макетҳои динозаврҳоро бо гулборонҳо зеб додаанд. Тамошобинон, махсусан ҷавонон дар атрофи мошинҳои асри гузаштаи тамғаи «Победа», «Волга», самолёти «Кукурузний»-и 18-метраи бо гулҳо саршоргаштаи дар майдон ҷойгузиншуда ҷамъ омада, ба якдигар оиди ин техникаи таърихӣ мубодилаи афкор менамуданд.



– Мақсад аз ташкили чорабинии мазкур ҷалб намудани диққати ҷамоаи васеъ ба масъалаҳои тарбияи экологӣ, ҳифзи табиат, ташаккули ҳисси табиатдӯстии ҷавонон ва рушди тамоилҳои иқтисодиёти «сабз» нигаронида шудааст, – мегӯяд ҷонишини ҳокими шаҳри Тошканд оид ба масъалаҳои сиёсати ҷавонон, рушди иҷтимоӣ ва корҳои маънавию маърифӣ Дурдона Раҳимова. – Барои созмони ландшафти декоративии майдон зиёда аз 2,5 миллион бех гулу бутта кор фармуда шуд. Инчунин иттиҳодияи «Ҳунарманд» ба мақсади намоиши ҳунарҳои дастии мардумӣ чанде аз ҳунармандонро ба фестивал даъват намуд, ки он ба ҳусни чорабинии мо шукӯҳ афзуд.

Намоиши гул, либосҳои миллӣ, маҳсули дасти ҳунармандон, ба монандӣ кулолгарӣ, чӯбкорӣ, хаттотӣ, заргарӣ, зебу зинати занона диққати бинандагон ва сайёҳонро ба худ ҷалб менамуд.

Назди кулолгари ҷавон, ки бо асбоби худ аз лой кӯзача месохт, иштирокчиёни фестивал ҷамъ омада ҳунари ӯро бо завқ тамошо мекарданд.

– Ман аз ноҳияи Риштони вилояти Фарғона мебошам. Алҳол дар бахши дуюми риштаи кулолгарии бадеии Донишкадаи ба номи Камолиддини Беҳзод таҳсил мегирам. Ин касби авлодии мост,бобову падарам бо он шуғл варзида аз пайи он ризқи худро пайдо кардаанд. Ман аз хурдсолӣ бо ин касб ошно ҳастам, – гуфт Саидҷон Толибҷонов.

Ба ғайр аз ин, ҳунари чӯбкории донишҷӯйи бахши аввали донишкадаи номбурда Ҳасан Муҳаммадқулов, санъати хаттотии магистри бахши дуюми Академияи байналхалқии исломии Ӯзбекистон Фахриёр Муртазоев диққатро ҷалб менамуд.

Ба фестивал дастаҳои ҳунарии фолклории ноҳияҳои Бектемиру Мирободи пойтахт бо сурудҳои халқии дилошӯб фараҳ мебахшид.

– Дастаи мо назди ҳокимияти ноҳияи Бектемири пойтахт ташкил шудааст. Рӯзҳои ид мо бо дастури худ иштирок менамоем. Дар репертуари мо сурудҳои халқҳои гуногун ҷой дорад, – сухан оғоз намуд роҳбари дастаи «Оҳанграбо» Саодат Ғиёсова ва суруди тоҷикии «Додаракам» -ро бо дастаи худ бароямон иҷро намуданд. Атрофиён ба рақс даромада хушҳол гаштанд. Дар даромадгоҳи майдон низ ҳунармандони эстрадиву ҷамоаҳои ҳунарӣ бо баромадҳои идонаи худ шукӯҳи иди гулҳоро меафзуд.

Фестивал то имрӯз давом мекунад.

**Гулҷаҳон КАБИРОВА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**



## ДАР ХОНА-МУЗЕЙИ БАСТАКОР

*Мутаваккил Бурҳонов яке аз бастакорони номии ҷаҳон ба шумор меравад. Ӯ ба мадҳияи ҷумҳуриамон бори аввал соли 1946 ва баъд аз ба даст даровардани Истиқлол – соли 1992 мусиқӣ бастааст.*

*– Ҳар сол рӯзи таваллуди бастакор (5 майи соли 1916) ва рӯзи ҷашни қабули Суруди миллӣ (10 декабри соли 1992) ба ин ҷо хонандагони мактабҳои шаҳри Бухоро ва ноҳияҳои гирду атроф, шахсони расмӣ барои зиёрати манзили мусиқишиноси номӣ меоянд, – мегӯяд корманди Хона-музейи бастакор Фарзина Тӯраева. – Ашёҳои хона-музей басо одианд. Аз ин бармеояд, ки М. Бурҳонов хоксорона умр гузаронидааст.*

*Ҳоло маҳаллае, ки бастакор солҳои охири умрашро он ҷо гузаронидааст, бо номи Мутаваккил Бурҳонов номбар мешавад.*

**Алимурод ТЕМИРОВ.**

*БУХОРО.*

***Ба пешвози 80-солагии Ғалабаи бузург***

# МАРДОНИ МАЙДОН

Диловарии падарону бобоёни мо дар Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ ва ҳиссаи онҳо дар Ғалаба бар фашизми Олмон бемислу монанд аст. Имрӯзҳо дар мамлакатамон аз иштирокчиёни ҷанг нафарони каме боқӣ мондаанд. Бисёрии онҳо дар майдони ҷанг барои озодии Ватан шаҳид шуда бошанд, як қисмашон маълӯл гардидаанд. Ҳамаи онҳое, ки дар ҷанг иштирок кардаанду бо ордену медалҳо баргаштаанд ва чун қаҳрамони ҳақиқӣ, мардони майдон, ватанпарварони ҷасур буданд ва мемонанд.

Дар қатори дигар фарзандони ватанамон аз деҳаи Варзики ноҳияи Чуст низ Соҳиб Ёқубов, Умар Ҳасан, Сотим Қосим, Йӯлдошбой Каримов, Нозимбой Ашурматов, Умарҷон Ҷӯраев, Умурзоқ Бойматов, Мирзоҷон ва Маҳмудҷон Эргашевҳо, Исмоил Ёқубов ва бисёре дигарон (қариб 700 нафар) дар майдони ҷанг қаҳрамонӣ нишон додаанд, номашон абадан дар сафҳаи таърих сабт шудааст. Аз ҳамдеҳагони мо 278 нафарашон бо ордену медалҳо сарфароз гардидаанд.

Нозимбой Ашурматов дар ҷанг аз як пояш ҷудо шуда омада бошад ҳам, «ман маъюб» гуфта нанишаст. Ӯ аз соли 1946 то ба нафақа бромаданаш дар колхоз аробакаш буд. Умар Ҳасан бошад, баъди ҷанг муаллим, директори мактаб ва 17 сол мудири шуъбаи маорифи ноҳия шуда меҳнат кардааст.

Маълӯли дараҷаи дуюм Соҳиб Ёқуб то ба нафақа баромаданаш ҳамчун муаллим, директори мактаб ва раиси Шӯрои деҳа фаъолият бурдааст.

Ҳасанбой Шаҳобов баъди аз ҷанг баргаштан ҳамчун котиби кумитаи ҳизбӣ дар ноҳияҳои Чуст ва Янгиқӯрғон фаъолият бурда, дар пешравии соҳаҳои таълим, тандурустӣ, хоҷагии халқ ҳисса гузоштааст.

Имрӯз ворисони иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ бо бобою падарони ҷасури худ фахр мекунанд. Бисёр наберагони он мардони майдон дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳи ватанамон хидмат мекунанд.

Ба наздикӣ тамоми мардуми сулҳпарвари дунё 80-солагии Ғалаба бар фашизми Олмон ҷашн мегиранд. Дар мамлакати мо низ бо ташаббуси Сарвари давлатамон Шавкат Мирзиёев чорабиниҳои давлатӣ баргузор ва мукофотҳои давлатӣ таъсис гардидааст, ки ҳамаи ин барои хотира ва шод гардонидани рӯҳи мардони майдон нигаронида шудааст.

**Назирҷон ЭРГАШЕВ.**

*Вилояти НАМАНГОН.*

# МАКТАБИ РАҚСИ БУХОРО: ДИРӮЗ ВА ИМРӮЗ

***Маълум аст, ки Бухоро чун яке аз марказҳои тамаддуни олам шуҳрати ҷаҳонӣ дорад. Ин сарзамини бостонӣ ба арсаи олам Абуалӣ ибни Сино, Имом Бухорӣ, Абдухолиқи Ғиждувонӣ, Баҳоуддини Нақшбанд, Аҳмади Дониш, Садриддин Айнӣ, Абдурауфи Фитрат барин бузургони илм, адабиёт, маънавият, инчунин Бобо Ҷалол, Бобо Ғиёс, Домуллоҳалим Ибодов, Мухтор Ашрафӣ, Аслӣ Бурҳонов, Аҳмад Бобоқулов, Мутаваккил Бурҳонов, Олим Хӯҷаев, Раззоқ Ҳамроев барин арбобони санъатро инъом кардааст. Бухорои шариф нафақат бо ёдгориҳои таърихӣ, балки бо дурдонаҳои илми мусиқии худ низ дар ҳафт иқлими олам маълуму машҳур аст. «Шашмақоми Бухоро», «Мавригиҳои Бухоро» аз ҷумлаи онҳост. Дастаҳои фолклорӣ-этнографии «Нозанин», «Моҳу Ситора», «Ширу шакар», «Мавригӣ» бобати ба аҳли олам муаррифӣ намудани савту сурудҳои мардумии бухороиён хидматҳои арзанда кардаанду мекунанд. Маълум аст, ки дар мамлакатамон асосан се мактаби рақси анъанавии миллӣ – Тошканду Фарғона, Хоразм ва Бухоро мавҷуд аст. Байни онҳо мактаби рақси Бухоро мақоми ба худ хос дорад. Мо бо мақсади дар ин бора пайдо намудани маълумот ба донишманди соҳа Ботир Рустамов ва директори мактаб-интернати рақси Бухоро – Саломат Раҳмонова вохӯрдам.***

Ботир Назарович зодаи ноҳияи Когон буда, пас аз хатми мактаби миёна дар омӯзишгоҳи хореографияи Тошканд ва Донишгоҳи давлатии фарҳанги Маскав (баъди хатми курси якум дар Институти давлатии маданияти Тошканд) таҳсил гирифта, дар ансамбли «Лазгӣ»-и Филармонияи давлатии Ӯзбекистон ва мактаби ихтисосонидашудаи санъати Бухоро фаъолият нишон додааст.

Шогирдаш Саломат Раҳмонова дастпарвари ансамбли бачагон – «Бойчечак» дар назди қасри талабагон, хатмкунандаи мактаби санъат ва факултети мусиқии ДДБ, балетмейстери «Бухоро гӯзаллари» ва дастаҳои рақсии филармонияи Бухоро, Корманди шоистаи фарҳанг, ки дар 15-то мамлакати хориҷӣ сафари эҷодӣ анҷом додааст.

Ҳамсараш Илҳом Наимов, фарзандонаш Фирдавс ва Фарангис низ кормандони соҳаи санъат мебошанд.

Ба мо бобати омӯхтани мактаби рақси Бухоро устоди санъат, собиқадори меҳнат Машраб Қодиров низ кумак расонд.

***

Дар Бухоро барои дилкашу хотирмон гузаштани тӯю маъракаҳо аз қадимулайём созандаҳо хидмат кардаанд. Онҳо шашмақомхонӣ, мавригихонӣ карда, бо савту суруд, рақсҳои зебо аҳли давраро ба худ ҷалб кардаанд. Модарон, оямуллоён, тӯтипошшоён дар базмҳо бахшида ба асосгузори Арки Бухоро – Сиёвуш марсияю мадҳияҳо хондаанд. Бонувон дар ҳавлиҳо доиразанӣ карда духтаронро ба рақс роҳнамоӣ намудаанд. Мушоираю мухаммасхониҳо сурат гирифтааст.

Созандагӣ дар Бухоро маънои васеъ дошт. Бояд созанда таронаҳои «Шашмақом», мавригихонӣ, сурудҳои маросимию мавсимиро хуб медонист, талаб карда мешуд, ки бобати иҷрои рақсҳои мардумӣ ҳунар дошта бошад. Ба доиразанӣ, маҳорати истифодабарии қайроқ ва занг нигоҳ карда ба ӯ баҳо медодаанд. Созандагони моҳир, бобати мухаммасхонӣ, ҳозирҷавобӣ ҳамто надоштанд.

Дар Арки Бухоро таҳти сардории модари Амир – Эшонойим созандагони махсус – «Ӯрдаи хоссачӣ» низ фаъолият нишон додаанд. Дар ин ҷо ҳар моҳ камаш як бор маросимҳои тӯй: саллабандон, ҷомапӯшон, хатна ва ғайра ба амал омада, созхона бо шукӯҳ ҷиҳозонида мешудааст. Дар Бухоро бонувон ҳафт курта (ҳафт пироҳан) ба бар карда ба меҳмонӣ мерафтаанд. Ин анъанаро созандагон низ идома додаанд. «Мактаби устою шогирд» дар соҳаи созандагӣ низ амал кардааст. Созандагони моҳир духтарони муносиб, боистеъдоди 12-14-соларо ба шогирдӣ мегирифтанд. Онҳоро «духтарҷон» меномидаанд. Вақте ки духтарон санъати созандагиро пурра азбар карданд, дар маросими «Камарбандон» ба онҳо фотиҳа дода мешудааст.

Усулҳои доира дар санъати созандагии Бухоро мақоми асосӣ дорад. Рақсҳои бухороӣ хусусиятҳои ба худ хос доранд. Раққоса ҳангоми рақс вобаста ба таъсири оҳанг эҳсосоти худро ифода мекунад.

Дар ин рақсҳо ғурури ба худ хоси духтарони бухороӣ, нафосату зебоии онҳо акс меёфтанд. Яке аз рақсҳои бухороӣ «Зангбозӣ» ном дорад.

Дар Бухоро дар маҳаллаи рехтагарӣ ин асбоб – зангӯлаи рақс тайёр карда шуда, созандагон онро ба банди даст, миёнбанд ва пояшон гузаронида мерақсанд. Овози занг ба рақс ҷозиба мебахшид.

Рақси қайроқ (бо чор қайроқ) низ таърихи зиёд дорад. Ин рақс низ бо ҷозибаи худ тамошобинонро беихтиёр сӯйи худ ҷалб месохт.

Дар Бухоро устодони ин соҳа Гулӣ қайроқ, Рая қайроқ, Гавҳарбегим қайроқ машҳуранд.

Рақси нақора якҷоя бо доира сурат гирифта, раққоса дар ҳавои садои дилкаш худро ба замин партофта бо зонуҳояш давраро чарх мезанад ва чолокии худро намоиш медиҳад. Рақси бухороиён бинобар анъана аз лаҳза, қисм, ҳаракатҳои махсус иборат аст ва онҳо бо истилоҳу номҳои гуногун ифода меёбанд: заминбозӣ – рақс бо ду зону дар замин, раққоса гоҳ хам шуда, гоҳ қоматашро бардошта, китф афшонда, дар мавридаш нӯги ангуштонро ба замин расонда мерақсад: остинбозӣ, пешонибозӣ, арисинабозӣ, доманбозӣ, тақсимчазанӣ, каҳрафтор, ларзон, заминзанӣ, доманзанӣ, чархи миён, чархи камон, мӯрчамиён, чиллакӣ...



Замонҳое буданд, ки ба рақс ва рушди санъати бонувон халал мерасонданд.

Бо вуҷуди ин, дар чорчӯбаи одоб ва ахлоқ ҳунарҳои зебои мардумӣ инкишоф меёфт. Гуфтан ҷоиз аст, ки дар Бухоро бобати рушди санъати созандагӣ Оймуллои Танбӯр, Ибохон хидматҳои арзанда кардаанд.

Солҳои панҷоҳуми асри гузашта дар Бухоро таъсис ёфтани Театри яҳудиёни Бухоро ба тараққиёти рақс кӯмак расонд. Дар ин бора хидматҳои Исохор Оқилов ва аҳли фарзандони вай Маргарита, Вилоят, Лола, Зулайхо Оқиловаҳо арзанда аст.

Асосгузори дастаи ҳунарии «Бухорча», Корманди шоистаи маданияти Ӯзбекистон Клавдия Ким ва Муаззам Амонова будаанд. Асосгузори опера ва балети Ӯзбекистон, оҳангсоз Мухтор Ашрафӣ дар асараш «Афсонаи духтари Кашмир» аз рақси бухороӣ самаранок истифода бурдааст. Ҳамин тариқ, дар Бухоро сосмон ёфтани дастаҳои «Сайқал», «Лола» (дар ноҳияи Бухоро), «Нозанин», «Моҳу ситора», «Гулшани Бухоро», «Ширу шакар», «Бухоро мавҷлари», «Бухоро гӯзаллари» ва ғайра боиси инкишофёбии рақсу суруд дар вилоят гардид. Бояд эътироф намуд, ки бобати рушди санъати рақс дар Бухоро Кундалхон, Гулисурх, Амбари Ашк, Эшонойим, Губур, Ношпӯтихон, Червонхон, Бахмал, Маҳтобхон, Барнои Каркигӣ, Туҳфахон (Яфо Пинхасова), Олияхон (Олима Ҳасанова), Гулчеҳра Мамедова, Боғдагул Тӯраева ва дигарон хидматҳои арзанда кардаанд.

Боиси хурсандист, ки солҳои охир дар вилояти Бухоро бобати омӯхтани мероси маънавии халқамон, аз ҷумла, ба дурдонаҳои санъат ҷалб намудани наврасон ғамхориҳо афзудааст. Чанде пештар дар ин ҷо мактаб-интернати ихтисосонидашудаи рақс воқеаи муҳим гардид. Ҳоло дар ин ҷо 18 нафар кормандони таълимгоҳ ба 50 нафар ихлосмандони рақс асосҳои санъати зеборо меомӯзанд.

Ҳоло Гулнора Баҳромова, Шарбат Бекназарова, Дилноза Ибодова, Ҳилола Бакирова, Зулола Содиқова, Шаҳноза Аҳмадова, Нигина Шомуродова, Фирӯза Раҳмонова барин раққосаҳои моҳир дар ҷамоаҳои эҷодӣ ва таълимгоҳҳои ихтисосонидашуда ба наврасон асрори ҳунар меомӯзанд. Кори Муаззам Амонова, Клара Ким, Розия Шарифова, Розия Қулиева, София Матқулова, Гулчеҳра Мамедова барин устодони рақсро идома медиҳанд.

Имрӯз ба мактаби рақси Бухоро афзудани эътибори оламиён боиси ифтихор аст. Академияи вертуалии «Евро Осиё» таҳти роҳбарии Эликохонум Накамура тадбирҳое, ки аз соли 2021 инҷониб дар Сиэтли ИМА ба тарзи онлайн мегузаранд ва дигар чорабиниҳо инро собит мекунанд.

Туҳфахон (Яфо) Пинхасова, ки ҳам дар Бухоро ва ҳам дар ИМА бобати тарғиботи савту суруд, рақс, фолклори Бухоро хидматҳои арзанда карда, китоби вай таҳти унвони «Санъат ва санъаткорони мусиқии анъанавии бухорӣ» соли 2000-ум дар Тел-Авив ба забони тоҷикӣ чоп шудааст, дар сарсухани китоб чунин овардааст: «Бухоро яке аз шаҳрҳои қадимии Осиёи Миёна аст. Ватани Рӯдакию Ибни Сино, Аҳмади Дониш, Садриддини Айнӣ, маркази анъанаҳои санъати мусиқии Шарқи Миёна мебошад. Саҳифаҳои дурахшони таърихи Бухоро хотирнишон мекунад, ки ҳаёт ва зиндагӣ дар шаҳри азим аз ҳама ҷиҳат фаровон буд.

Аз ин сабаб миллатҳои дигар мамлакатҳои Осиё, ҳамчунин яҳудиён барои истиқомат ба Бухоро мекӯчанд! Яҳудиён чун дигар миллатҳо ба халқи Бухоро дӯсту наздик шуда, забон, урфу одат, мусиқӣ ва санъатҳои бухороиро омӯхта, ба худ қабул мекунанд...» (саҳ.3).

**Амрулло АВЕЗОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Бухоро.**

# ЗАНОНИ ЗАМОНИ ҶАНГ

Ман чаҳорсола будам. Дар рӯ ба рӯйи боғҳавлии мо як майдони васеъ – зардолузори вақфи масҷиди деҳаи Шалғамон буд. Як рӯз ду-се мошин аскар омада, дар ҳамин ҷо аз латтапораҳои калон хонаҳои латтагин сохтанд. Онҳо дар ҳар ҷо-ҳар ҷойи ин майдон ҷӯйҳои чуқуриаш қади як одам кофта, ба даруни он туфанг дар даст, ба назари мо, гӯё бо ҳам рустаконбозӣ мекарданд. Баъд маълум шуд, ки дар асл он чуқуриҳо камин ва хандақ буда, аскарҳо машқи ҳарбӣ мегузаронидаанд.

Модарам домани маро аз мавизу чормағз, қоқи зардолую себ, тутмавиз пур карда: – Бачем, инро ҳо, ба ҳамон акаҳоят бурда деҳ. Акои ту ҳам дар куҷое ҳаминҳо барин машқ карда гаштагист, – мегуфт.

Ман он маводро ба аскарбачаҳо медодам, онҳо ба ман як қалам нони булка медоданд. Онро ба модарам диҳам, вай маро сахт коҳиш мекард, ки «чаро нони онҳоро гирифта омадӣ?» Охир, онҳо аскарбача-ку. Пас мани кӯдак он бурдаи нонро боз ба аскарбачаҳо мебурдам, онҳо сару рӯйи маро навозиш карда, ин барои ту, – гуфта, пас мегардониданд...

Чунин буд хотираҳои нахустини ман аз рӯзҳои охири Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945....

Ин воқеа эҳтимол охирҳои моҳи апрел ё рӯзҳои аввали моҳи майи соли 1945 рух дода бошад, ки баъди чанд рӯз ин аскарбачаҳо тамоми хаймаву туфангу лашу лушашонро ғундошта, «Ура!» – гӯён ба мошинҳо нишаста рафтанд.

Падарам аз кӯча хушнуд хабар овард, ки ҷанг тамом шудааст у давлати мо ғалаба кардааст.

Модарам: – Аскарбачаҳо рафтанд, Нуриддини ман ҳам меомадагист, – гуфта бо оби чашм изтироб мекашид...

Падарам мегуфт, ки танҳо аз деҳаи Шалғамони мо, ки аҳолиаш он вақт тақрибан 500 нафар будааст, беш аз чил ҷавонмард ба ҷанг сафарбар шуда, аз онҳо шонздаҳ нафарашон барнагаштаанд, ки дар байни онҳо бародари калонии ман Нуриддин ҳам буд.

Бо саъю эҳтимоми яке аз ҷанг баргаштаҳо – Эргашхӯҷа Турсунов, ки чанд муддат раиси маҳалла ҳам буд, ба хотири он шонздаҳ ҷавонмард дар девори чойхонаи маҳалла лавҳаи хотира ҳам гузошта буданд. Аз он иштирокдорони ҷанг, ки баъзеҳо зиндаю саломат, баъзеҳо ҳамчун Ҳотамамак бо як пой, ё чун Давронамаку Амриамак ранҷур баргашта буданд, ҳамчунин аз онҳое, ки дар ақибгоҳи фронт, дар майдони меҳнат кор кардаанд, ҳоло дар маҳалла касе зинда намондааст.

Дар бораи модароне, ки ба ёди фарзанди барнагаштаашон хун гириста, аз дунё гузаштаанд, дар бораи арӯсаконе, ки бо як фарзанд бева мондаанд, байни мардум ва дар адабиёти таърихию бадеӣ ҳамчун қиссаи Сотим Улуғзода «Ёрони боҳиммат» ҳикоятҳои бисёре ҳастанд.

Ҳоло ман мехоҳам дар бораи чанде аз онҳо, ки худ ба хубӣ медонам, нақл кунам.



Соли таваллуди ман дар дафтарчаи хотиравии бародарам – Нуриддин сабт шудааст. Мувофиқи гуфти модари меҳрубонам тобистони ҳамон сол фашистони лаин ба хоки Иттиҳоди Шӯравӣ ҳуҷум мекунанд ва баробари дигар ҷавонон Нуриддин ҳам моҳи сентябри ҳамон сол ба ҷанг меравад.

Модарам – Латофатбону ҳамеша мегуфт, ки «Ту шашмоҳа будӣ, ки ҷанги хонумонсӯз сар шуд ва дар нӯҳмоҳагии ту бародарат Нуриддин, ки акнун нияти вайро хонадор кардан доштем ва ҷомаи домодӣ ҳам барояш дӯхта монда будам, ба ҷанг рафт ва дигар барнагашт». Лекин то дами вопасини ҳаёташ мегуфт: «Бародарат Нуриддини ман – нури дидагони ману падарат – имрӯз-пагоҳ омада мемонад». Вай кай медонист, ки ҳамин фарзанди азизи ӯ дар яке аз набардҳои муҳорибаи Сталинград бедарак гум шудааст...

Як мактуби секунҷаи ӯро, ки бори охирин аз фронт навишта буд, дар болори хона овезон карда монда буд ва ҳамеша ба мо мегуфт, ки онро гоҳе ҷунбонида монем, то соҳиби мактуб тез расида ояд. Нони ҳангоми ба ҷанг гуселонидан газидаи ӯ низ дар пешгоҳи хона – болои тахмон меистод ва модарам мегуфт: «Насибаи акоят. Вай имрӯз-пагоҳ омада мемонад».

Ӯ нақл мекард, ки Нуриддин – фарзанди нахустини оила, дар ибтидои соли 1922 таваллуд шудааст. Акоят вақти даъват шуданаш нуздаҳро пур карда, ба бист қадам мегузошт. Мо сандуқи арӯсии ӯро пур карда монда будем. Мана ин ҷомаи домодиро аз беқасаби Китоб худам дӯхта будам...

Модарам то поёни умр ҳамеша сифатҳои ҷигарбандашро нақл мекард ва бо чашми чор дар роҳи ӯ аз дунё гузашт...

Дар қарибии боғи мо Мирқобиламак ном мӯйсафеде, ки аз падарам як-ду сол калонтар буд, бо зану келину як набера – Роҳат ном духтарча зиндагӣ дошт. Писари яккаю ягонаи ӯ Рофеъ низ ба ҷанг рафта, бе хату хабар гумном гашта буд. Лекин падару модар ва ҳамсараш ҳамеша мунтазири аз ҷанг баргаштани Рофеъ буданд ва умрашон ҳамин тавр бо раҳпоӣ гузашт.

Маҳтобойтӣ, ки ин номи аслии ӯро касе ба забон намегирифт ва чун «келинчак», «келини Қобиламак» дар байни мардум номбар мешуд, арӯси дӯстрӯй, бар болои ин соҳиби хату савод буду вазифаи ҳисобчии бригадаро ҳам иҷро мекард.

**(Давомаш дар саҳ.4).**

*Акси садо ба акси садо*

# МАҲСУЛИ АНДЕШАИ СОЛИМ БОЯД БАЁН ГАРДАД

***Боиси хурсандист, ки таваҷҷуҳи хонандагони «Овози тоҷик» ба маводи саҳифаҳои он меафзояд. Онҳо фикру андешаҳои худро нисбати мақолаҳо иброз медоранд, хатову иштибоҳоти онро зикр менамоянд. Ҳар як қайду фикр маҳсули андешаи солим бояд бошад, ки ба нафъи кор аст.***

Дар шумораи 33-юми «Овози тоҷик» аз 23 апрели соли 2025 «Акси садо»-и омӯзгори собиқадор аз ноҳияи Фориши вилояти Ҷиззах Собир Эргашев бо унвони «Хат ғалат, номҳо ғалат ...» нисбати мақолаи банда бо номи «Порашт бошад макони аҳли фарҳанг («Овози тоҷик», 19 марти с.2025, №23) чоп шуд. Ӯ якчанд ғалати муаллифи ин сатрҳоро нишон додааст.

Вақте ки пурсишнома гузаронида шуд, ман нахуст бо сарвари мактаби ғолиб – мактаби таълими умумии рақами 13-уми ноҳияи Фориш Сарибой Ярашев аз тариқи телефон суҳбат кардам. Сипас, суолномаҳоро ба телеграми ҷонишини директор оид ба таълим Рамазон Комилзода фиристодам. Аз ҷавобҳо қонеъ нагардидам. Ба Порашт омадам. Маро Рамазон Комилзода қабул намуд. Ба чанд суоли худ посух гирифтам. Дафъаи дувум ба Порашт омадам, то бо намояндагони деҳа вохӯрӣ намоям. Он чӣ, ки ба ман гуфтаанд, дар дафтари қайд ва дар телефони мобилӣ ба навор гирифтаам.

Собир Эргашев менависад, ки «Муаллиф ба қадри имкон дар бораи маънои деҳа, фарзандони обрӯманди он, омӯзгорону шогирдони мактаб маълумот додааст. Аммо ному насаби баъзе омӯзгорон, шогирдон ва роҳбарони гуногуни соҳа нодуруст сабт шудаанд.

Ном ва насаби баъзе омӯзгорони марҳум, аз ҷумла номи бародари Ҷонибек Қувноқ – Холибек Қувноқов дар шакли Олибек, насаби Тағоймурод Авалбоев чун Авазбоев омадааст». Дуруст аст, дар гузориш чунин омадааст.

Дафтари қайдҳоямро варақ задам. Дар он на Холибек, балки Олибек навиштаам. Пас ба ман Олибек гуфтаанд. Авазбоев навиштан ин иштибоҳи ман аст, ки барои ин маъзарат мехоҳам. Ин иштибоҳ, шояд аз он сабаб рух додааст, ки Аваз аз Авал серистеъмолтар аст.

С. Эргашев дар идома менависад, ки «Муаллифи мақола дар бораи омӯзгори фанни таърихи мактаб Нурҷон Ярашев маълумот дода, таъкид кардааст, ки «Рамзиддин Умаров дар факултети таърихи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд таҳсил мегирад». Аммо дар деҳа бо ин ном касе вуҷуд надорад ва ҳоло низ нест». Ман бо Н. Ярашев тақрибан ним соат суҳбат доштам. Он чӣ муаллим гуфтанд, рӯйи коғаз овардаам.

С. Эргашев менависад, ки «Хуб мешуд муаллиф дар бораи ҷойҳои таърихии деҳа низ маълумот медод».

Мақсади ман, ки рисола ва ё мақолаи илмӣ таҳия кардан набуд, балки гузорише аз фаъолияти як дабистон дар пайи пешгом шудан дар озмуне буд, халос.

**Ӯзбакбойи РАҲМОН,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

*Вилояти ҶИЗЗАХ.*

*Дар ҷевони китоб*

# «ОВОЗИ ТОҶИК»: САД СОЛИ ПУРОВОЗА»

***Чунин номгузорӣ шудааст китоби ҷашние, ки ба муносибати 100-умин солгарди рӯзномаи «Овози тоҷик» рӯйи чопро дидааст. Фикр мекунам, ҷамъоварӣ ва ҷо ба ҷо гузории матолибу аксҳо осон набуд барои як китоби таърихиву хотиравӣ. Китоб бо ороиши хуб ва матолиби ҷолибу хонданӣ ба дасти чоп расидааст. Китобро метавон сад соли пуртакопӯ низ номид.***

Иқтибос аз гуфтаҳои Президенти кишвар Шавкат Мирзиёев, ки саршор аз ҳисси боварӣ ба журналистонанд, хонандаро бефарқ намегузорад. Инак, як пора аз он гуфтаҳо: «Дар солҳои охир дар ҷумҳурӣ имконоти васеъ барои озодии баён ва гуногунандешӣ фароҳам оварда шуд... Журналистони пуршарафамон, блогерҳои фаъол бо мавқеи қатъӣ ва сухани холисонаашон дар ҳалли мушкилоти ҳассоси ҳаёт, баланд бардоштани самараи ислоҳот, вусъат додани нуқтаи назар ва ҷаҳонбинии ҳамватанонамон саҳми муносиб мегузоранд».

Вожаи «муқаддас», бино ба шарҳу тафсири фарҳангҳо, маънии динӣ – пок, қудсӣ, осмонӣ, олӣ ва заминӣ – азизу гиромӣ буданро дорад.

Устодони сухан рӯзномаи «Овози тоҷик»-ро, ба маънии дуюми ин вожа, даргоҳи муқаддас номидаанд. Зеро дар таъсису тарвиҷи ин нашрия фарзандони баору номуси қавми тоҷик, чун аллома Садриддин Айнӣ, Саидризо Ализода, Абдуқайюми Қурбӣ, Раҳим Ҳошим, Фахриддини Роҷӣ, Тамҳид, Тӯрақул Зеҳнӣ ва дигар абармардон саҳм гузоштаанд.

Ба ин маънӣ сармуҳаррири кунунии рӯзнома Шерпӯлод Вакилов дар пешгуфтори китоб овардааст: «Таърихи пуршарафи «Овози тоҷик» аз санаи 25-уми августи соли 1924 дар Самарқанд, дар муҳити мураккаби иҷтимоию сиёсӣ, дар замони тақдирсозе, ки масъалаҳои тақсимбандии ҳудудии ҷумҳуриҳои сотсиалистӣ ҳанӯз ҷараён дошт, сар шуда чун минбар ба халқи тоҷик хидматҳои шоиста ба ҷо овардааст... Шараф ва ифтихори бузург аст, ки рӯзнома чун мактаби бузурги шогирдпарварӣ дар қалби рӯзноманигорони вақт бо тарбия намудани муҳимтарин хусусияти иҷтимоӣ, маънавӣ, ахлоқӣ шуҳратёр гашта, шахсиятҳои бузургро ба камол расондааст».

Китоб бо мақолаи таърихии Устод Садриддин Айнӣ «Қавми тоҷик ва рӯзнома» шурӯъ шудааст, ки басе рамзист. Дигар ёддошту хотира, ҳикоя, шеърҳо (дар сифати рӯзномаи «Овози тоҷик»), бузургдошти чеҳраҳои фарҳангиву адабӣ ва табрикоти дӯстдору алоқамандони рӯзнома ба ҷолибияти он афзудааст.

Фасли «Таърихи рӯзнома – дар суратҳо», ҳарчанд забони гӯё надоранд, ҳисангезанд. Ба инҷониб, ки бо сухани муқаффо алоқамандие дорам, аксҳои таърихии устодони сухан Пайрав Сулаймонӣ, Абдусалом Деҳотӣ, Суҳайлӣ Ҷавҳаризода, Ҳабиб Юсуфӣ, Муҳаммадҷон Васфӣ ва Ҷонибек Қувноқ, ки кормандони ин даргоҳи муқаддас будаанд, ҳисси ифтихор ангехт. Як пеши назар оваред, дар паси ҳар акс инсоне, пайи одаму оламсозиҳо гирумон ва такопӯ дошту дорад...

Фикр мекунам, рисолати нашрия танҳо иборат аз расондани ахбор ва дар инсон ташаккул додани ахлоқи ҳамида нест. Он рисолати дигаре низ дорад, ки баланд бардоштани сатҳи забондонии мардум, худшиносӣ ва тарғибу тарвиҷи мактабу маорифи миллӣ мебошад. Суоле пайдо мешавад, «Овози тоҷик» дар тӯли сад сол рисолати баъдиашро то куҷо анҷом дод? Дар ҳамаи давру замонҳо шикваи мардум, ба қавли бухороиҳо, ин будааст, ки «ба забони рӯзнома намеғалтанд»... Умед аст, ки рӯзнома




ин рисолаташро сарбаландона низ анҷом медиҳад...

«Овози тоҷик»:100 соли пуровоза» аз чанд дидгоҳ арзиш дорад. Он қабл аз ҳама хотираи таърихиро зинда мегардонад. Баъдан, метавонад ба олимон, муҳаққиқон, омӯзгорону донишҷӯёни факултаҳои филологияю журналистика ва алоқамандони таърихи матбуоти тоҷик, ба сифати манбаи омӯзиш, хидмат кунад.

**А. СУБҲОНОВ,**
**«Овози тоҷик».**




*Дар пойтахти Тоҷикистон – шаҳри Душанбе бори нахуст чемпионати Осиёи Ғарбӣ оид ба шоҳмот дар байни наврасони аз 8 то 18 сола баргузор гардид, ки дар он варзишгарон аз 14 кишвар ширкат варзиданд.*

*Боиси хушнудист, ки шоҳмотбозони Ӯзбекистон 30 медал ба даст оварда, дар ҳисоби умумӣ баъди Қазоқистон ҷойи дувумро ба даст оварданд.*

# ШОҲМОТБОЗОН МУКОФОТОНИДА ШУДАНД

***Шоҳмот – бозии фикрӣ ва варзишиест, ки дар миёни ду нафар ба рӯйи тахтаи махсус бо 64 хона (сафед ва сиёҳ) анҷом дода мешавад. Шоҳмот на танҳо як бозии рақобатӣ аст, балки василаи беҳтар кардани тафаккури мантиқӣ мебошад.***

Ҳар сол дар ҷаҳон садҳо мусобиқаи шоҳмот баргузор мешавад.

Иттифоқҳои касабаи Ӯзбекистон дар рушди ин намуди варзиш саҳми босазо доранд ва бо баргузории мусобиқаҳо ба мисли «Ҷоми федератсия» онро дастгирӣ мекунад.

30-юми апрел маросими ҷоизасупорӣ бахшида ба «Ҷоми Федератсияи иттифоқҳои касабаи Ӯзбекистон» дар марҳилаи ҷумҳуриявӣ оид ба шоҳмот шуда гузашт.

Аз 28 то 30-юми апрел дар шаҳри Тошканд ба пешвози 120-солагии ҳаракати иттифоқҳои касабаи Ӯзбекистон бо иштироки Вазорати варзиш ва Федератсияи шоҳмот марҳилаи ҷумҳуриявӣ баргузор шуд.

Гуфтан ҷоиз аст, ки дар ин мусобиқа зиёда аз 85 ҳазор нафар иштирок намуда, танҳо 56 нафари онҳо ба зинаи ҷумҳурӣ гузаштанд, ба ғолибон диплом ва роҳхат ба сиҳатгоҳ дода шуд.

Пас аз он, ҷоизадорони ҷойҳои ифтихорӣ дар байни мардон ва бонувон эълон гардида, ба ҷойи сеюм 30 миллион сӯм, ба соҳибони ҷойи дуюм 40 миллион сӯм ва ба ғолибони ҷойи аввал 50 миллион сӯм мукофотпулӣ ва медалҳо супорида шуд.

**Ю. ШОҲСАНАМ**

# ЗАНОНИ ЗАМОНИ ҶАНГ

**(Аввалаш дар саҳ.3).**

Ёдам ҳаст, ба ӯ аз чанд ҷой хостгорӣ карданд, лекин розӣ нашуд, бори дигар шавҳар кардан нахост. Падару модари муштипари шавҳарашро танҳо монда рафтанро ор донист. Бо гузашти айём пиру кампир ҳам фавтиданду духтараш – Роҳат ҳам ба воя расид ва ба шавҳар баромад. Баъд ӯ ҳамон боғу ҳавлии меросиро ба Мираюб, ки аз хешони Мирқобиламак буду фарзандони бисёр дошт, ройгон бахшиду ба хонаи духтараш кӯчида рафт ва то поёни умр дар ҳамон ҷой зиста, бо ёди шавҳари аз ҷанг барнагаштааш аз олам даргузашт.

Дигар як зани вафодору ба шавҳар содиқ модари шарикдарси мактабии бародарам – Эргашакоям буд.

Ин зани муштипар аз бозе, ки ман бо ин оила равуо доштам, бо модарарӯс, ки як пиразани ниҳоят парастори набераи ягонаи аз писараш ба ёдгор монда буд, ҳамчун модару духтар зиндагӣ мекарданд. Ӯ барои таъмини рӯзгор дар таваллудхонаи назди бемористони деҳкадаи Оқмасҷид фаррош буд. Бинобар ниҳоят ҳалолкору покизакор буданаш сардухтури бемористон Шепилова ва мудири шуъбаи таваллудхона Марго ном зани арманӣ низ ӯро хеле эъзоз мекарданд.

Барои ин зани меҳнатӣ низ борҳо аз дуру наздик хостгорҳо баромаданд, лекин ӯ шавҳар накард, то дами вопасин ҳаёташро бо ёди шавҳар гузаронд. Вай ҳамеша ба модари муштипар хабарҳои умедворкунанда меовард. Аз шавҳари баҷанграфта танҳо писараш Эргаш, ки он вақт ҳамагӣ шашсола буд, нишона монд.

Ҳамин тавр, ин хушдоману келин низ то поёни умр роҳи фарзанду шавҳар поида, аз олам гузаштанд.

***

Дар болотар аз боғи мо – дар деҳаи Қумзор, чанд хонаводаи дигар зиндагӣ мекарданд, ба назарам аз ин деҳа ягон хонадоне набуд, ки ба ҷанг сафарбарнашуда бошанд, ҳатто аз баъзеи он дусе нафар ба ҷанг рафта буданд. Бисёре аз онҳо барнагаштанд, баъзе маъюбу ногиро бозпас омаданд. Кам буданд мардоне, ки сиҳҳату саломат баргашта бошанд.

Аз ҷумла Файзибобо ном як мӯйсафеди он солҳо синнаш аз 70 гузашта бо зану келин ва як набередухтар зиндагӣ мекарданд. Ба боғи мо об аз рӯди Даштак бо як ҷӯйча аз байни боғҳавлии ӯ мегузашт. Бинобар ин мо ҳангоми барои обкушоӣ ба ҷӯйи Даштак рафтан сари оброҳа ин пирамарди меҳнатиро зуд-зуд медидем. Зеро вай одате дошт, оби ба мо меомадаро, албатта аз даруни ҳавзе, ки дар назди ҳавлии ӯ буд, мегузаронд. Аз ин рӯ ҳавзи ӯ ҳамеша пуроб ва атрофаш сояю салқин буду худи мӯйсафед дар суфаи лаби ҳавз дароз кашида, чой нӯшида менишаст.

Файзибобо аз касе ранҷад, аламашро аз келинаш мегирифт. Гӯё ҳамин келин пойи қадами нек надошт, бинобар ин писараш Зубайдулло ба ҷанг рафта барнагашт. Аз шаш писари Насриддинбой, ки дар шафати боғу ҳавлии ӯ зиндагӣ мекунад, се нафарашон ба ҷанг рафта, саломат баргашта омаданд. Ҳоло яке ронандаи мошини раиси шаҳр, дигаре муаллими мактаби деҳа, сеюми ҳисобчии бригадаи саҳроӣ. Писари ягонаи вай бошад, наомад...

Келини Файзибобо Сабоҳат дар кори колхоз пешқадам буд. Вай зуд-зуд ба хонаи мо омада, аз модарам барои ягон кори рӯзгор маслиҳат мепурсид.

Модарам мегуфт, ки ба ин ҷавонзани меҳнатӣ аз бисёр ҷойҳои дуруст, ҷавонмардони аз ҷанг бо ордену медалҳои қатор баргашта, хостгор шуда омаданд. Ҳатто баъзе занҳо миёнаравӣ ҳам карданд. Лекин занак ба шавҳари худ содиқ монд. Ба таънаю маломати ноҷои падарарӯси пираш нигоҳ накарда, ба ҳеҷ яки онҳо розигӣ надод. Вай чунон ки ман роҳи писарамро мепоям, роҳи шавҳари ба ҷанграфтаашро поида нишастааст. Ана ҳамин тавр ба ёди шавҳар бо ҳамин як духтарчаи аз ӯ нишона умрашро мегузаронад. Ана, садоқати зан! Падарарӯсаш бошад, ҳамин ки ранҷид, аламашро аз вай мегирад. Модарарӯсаш зани муштипар буд, мисли ман роҳи фарзанд мепоид. Роҳпоён аз олам гузашт. Лекин келин падарарӯси бадҷаҳлашро партофта нарафт...

Воқеан, ӯ баъди гӯру ҷӯби падарарӯсу модарарӯс низ бо ёди шавҳар зиндагӣ кард.

Кимё ном духтар дошт. Ҳамон духтараки ягонаашро ба воя расонда, ба ҷойи дуруст гусел кард ва дар ҳалқаи наберагон чанд сол умр дида, ин оламро падруд гуфт.

Кимё вақти мактабхонӣ шарикдарси ман буд ва бо амри модараш дар паҳлӯйи ман менишаст. Сонитар, дар синфҳои болоӣ, ки партаҳои мо чоркаса шуданд, Мавҷуда ва Умаро низ ҳампартаи мо гардиданд. То хатми мактаби даҳсола мо се хоҳару як додар будем. Ба қарибӣ аз олам гузашт, рӯҳаш шод бод!

Аз вай чанд фарзанди солеҳ монданд, ки яке аз онҳо Зафар ном дорад ва соҳибкор аст. Ӯ чароғи хонаи бобоюю моморо фурӯзон дошта, ба ҷойи ҳавзи ҳамеша пуроби Файзибобо чоҳи артезианӣ кофта, тамоми маҳалларо бо оби ошомиданӣ таъмин мекунад.

***

Дар маҳаллаи мо Исомаддин ном ҳамсоли ман зиндагӣ мекард. Мо пасу пеш мактаби миёнаро хатм кардем. Ӯ бо ҳидояти ман ба шуъбаи шабонаи донишгоҳ дохил шуд ва онро бо муваффақият хатм карда, солиёни зиёд дар мактаб аз забон ва адабиёти тоҷик дарс дод. Аз устодони назарраси ин фан буд, дар озмуну имтиҳонҳо доварӣ ҳам мекард. Баъди аз мактаб ба нафақа баромадан чанд муддат раиси маҳалла ҳам шуд.

Модари Исомаддин – Норчучукмомо низ ҳангоми ба ҷанг гусел кардани шавҳараш Низомиддин ҳамагӣ 21 сол дошт. Дар солҳои ҷанг дар қатори бисёр занону духтарон ва пиронсолоне, ки дар ақибгоҳ монда буданд, дар колхоз кор кард. Аз пешқадамони меҳнат буд. Дар пиллапарварӣ соҳиби мукофот шуд. Ба ин зани меҳнатии шуҳратдор бисёриҳо харидорӣ карданд, лекин ӯ низ то дами вопасин дар ёди шавҳари ҷанграфтааш буд...

Модарам чандин хешовандони худ, аз ҷумла додари дар арафаи хонадоршавӣ ба фронтрафтааш – Собирҷон ва писари калонии худаш Нуриддин, писарамакаш Фазлиддин ва боз якчанд наздиконро ба ёд оварда, ба занони даврони ҷанг тасанно мегуфт, сабру тоқат ва садоқати арӯсакҳои бо як фарзанд тамоми умр роҳпо мондаро таърифу тавсиф мекард.

**Аслиддин ҚАМАРЗОДА,**
**профессор.**
*Вилояти САМАРҚАНД.*

*Ба ҷойи табрик*

# МУҲАҚҚИҚИ ВАРЗИДАИ АДАБИЁТИ ФОРС-ТОҶИК



Солҳои охир дар кишвари маҳбубамон Ӯзбекистон ба шарофати сиёсати маънавиятбунёди Президент, муҳтарам Шавкат Мирзиёев илму мориф рӯ ба пешрафт оварда, олимон ба дастовардҳои шоистаи назаррас ноил гардида истодаанд. Бахусус, илми адабиётшиносӣ дар заминаи пайвандҳои адабии адабиёти халқҳои дӯст ва бародари тоҷику ӯзбек рӯ ба ривоҷ оварда истодааст.

Яке аз самтҳои муҳими адабиётшиносӣ дар кишвари азизамон таҳқиқи масъалаҳои марбут ба вижагиҳои мавзӯиву ҳунарии адабиёти форс-тоҷик ба шумор меравад.

Доктори илмҳои филологӣ, профессор Муслиҳиддин Муҳиддинов, ки ҳамчун олими соҳибистеъдод солҳои ҳафтодуми асри гузашта ба майдони пажӯҳиш ворид гардидаанд, ба таҳқиқи масоили адабиёти классикии форс-тоҷик таваҷҷӯҳи махсус зоҳир карда меоянд. Ошноӣ ба корномаи илмии устод ин нуктаро равшан месозад, ки аввалин таҳқиқоти эшон ҳанӯз соли 1972 дар робита ба таҳаввули хати сужаи достони романтикии «Баҳром ва Дилором», ки гунаи дигари он бо номи «Баҳром ва Гуландом» низ маъруфият дорад, оғоз шудааст. Маълум аст, ки ин достон сарчашма дар адабиёти куҳани форсӣ дорад ва баъдан дар заминаи он дар адабиёти ӯзбек достонҳои манзуме ҳам шакл гирифтаанд, ки дар таҳқиқоти устод хеле муфассал баён гардидааст.

Дар идомаи роҳи таҳқиқотии хеш ин донишманди мумтоз тавонистанд, ки як самти муҳими баррасиҳои илмиашонро ба пажӯҳиши ҷойгоҳи инсони комил дар адабиёти Шарқ ихтисос диҳанд, ки адабиёти форс-тоҷик дар он нақши меҳварӣ дорад. Маҷмӯи таҳқиқоти дар ин арса анҷомдодаи хешро дар соли 2005 дар монографияи муҳташаме ҷамъбаст намудаанд, ки бо номи «Ғояи инсони комил дар адабиёт» (ба забони ӯзбекӣ) ба чоп расидааст. Ҳарчанд ин асар ба сурати муфассал ҷаҳоншиносии суханварони гузаштаро дар бораи инсони комил фаро мегирад, вале ба назар мерасад, ки соли 2010 китоби «Талқини ғояи инсони комил дар адабиёти форс-тоҷик» (ба забони ӯзбекӣ) ба чоп расидааст, ки дар он асосан ин мавзӯъ дар заминаи адабиёти гузаштаи форс-тоҷик баррасӣ мешавад. Аҳамият ва муҳиммияти таҳқиқи ин мавзӯъ дар таҳқиқоти ин донишманди мумтоз аз ҷониби муҳаққиқони хориҷӣ эътироф гардид, ки дар натиҷа солҳои 2021 ва 2022 ду китоби устод бо унвонҳои «Консепсияи инсони комил дар достонҳои аввалини «Хамса» ва «Ҳамосаи Алишер Навоӣ «Сабъаи сайёр»: анъана ва хусусияти беназир» бо забони англисӣ дар Олмон ба чоп расиданд. Дар канори ин чанд таҳқиқоти дигари устод дар Туркия низ интишор ёфтаанд.

Дар умум, ба қалами устод Муҳиддинов зиёда аз 30 асари монографӣ ва дарсӣ, наздик ба чаҳорсад мақолаи илмӣ тааллуқ мегирад, ки дар бештари онҳо масоили марбут ба адабиёти форс-тоҷик ҷойгоҳи хоса доранд. Вобаста ба ин, пажӯҳишҳои ба адабиёти форс-тоҷик пайванддоштаи устодро метавон аз чанд самт баррасӣ намуд:

Таҳқиқоте, ки дар меҳвари онҳо адабиёти форс-тоҷик қарор мегирад, намунаи онро дар мисоли таҳқиқи ғояи инсони комил зикр намудем.

Таҳқиқи сарчашмаҳои форсӣ-тоҷикии адабиёти ӯзбек, ки намунаи он ҳам пажӯҳиши марбут ба достони «Баҳром ва Гуландом» ба шумор меравад.

Таҳқиқи масъалаи татбиқии адабиёти форс-тоҷик ва ӯзбек.

Таҳқиқи анъанаи хамсанависӣ ва дар асоси омӯзиши компаративистикии аввалин достонҳои Низомӣ, Амир Хусрави Деҳлавӣ, Ҷомӣ ва Навоӣ симои Пайғамбар с.а.в. ҳамчун симои инсони комил баррасӣ гардида, ҳамду наъти Расули Акрам дар асарҳои ҳамгуна ба тариқи муқоисавӣ омӯхта шудааст.

Ба таври умум, метавон гуфт, ки чандин мақолаи илмии устод Муслиҳиддин Муҳиддинов дар бораи намояндагони барҷастаи адабиёти классикии форс-тоҷик, аз ҷумла Низомии Ганҷавӣ, Саъдии Шерозӣ, Амир Хусрав ва дигарон ба нашр расидааст, ки дар меҳвари онҳо масъалаи ғояи инсони комил қарор дорад. Дар канори ин, чун яке аз самтҳои бисёр муҳими пажӯҳишҳои устод идомаи анъанаи хамсасароӣ дар адабиёти ӯзбек, бахусус адабиёти аҳди темурӣ ба шумор меравад, мушоҳида мешавад, ки дар ҷараёни таҳқиқи татбиқии масъала хамсаҳои ба ӯзбекӣ сароидашуда, хоса «Хамса»-и Амир Алишери Навоӣ бо чунин осори Низомии Ганҷавӣ ва Амир Хусрав баррасии муқоисавӣ шудаанд. Аз ҷумла, яке аз мақолаҳои устод ба мавзӯи муқоисаи афкори ахлоқии Амир Хусрав ва Амир Алишери Навоӣ дар бораи сабр ва қаноат бахшида шудааст, ки хеле муҳим ба шумор меравад.

Дар ҷараёни таҳқиқи достонҳои «Баҳром ва Дилором» ва «Баҳром ва Гуландом» низ мушоҳида мекунем, ки устод сарчашмаҳои форсии ин достонро дар насри ривоятӣ муқаррар карда, аносири онро дар адабиёти ӯзбек муқоиса намудаанд. Ҳатто аз чунин тадқиқоти устод зери унвони «Қиссаи Шаҳзода Баҳром ва Маликаи Гуландом Сидқий Хондайлиқий таржимасида» ба тарҷумаи ин асар аз форсӣ ба ӯзбекӣ бахшида шудааст. Таҳаввули сужаи ин достон, яъне достони марбут ба Баҳроми Гӯр дар адабиёти Шарқ низ аз ҷониби устоди донишманди адабиёт Муҳиддинов ба сурати алоҳида таҳқиқ шудааст.

Бахши муҳими таҳқиқоти адабиётшиноси варзида пажӯҳиши масъалаҳои адабиёти муосири ӯзбек, робитаҳои адабӣ ва амсоли ин ба вуҷуд овардааст. Дар масъалаи вижагиҳои муҳими осори Ғафур Ғулом як рисолаи арзишманде зери унвони «Ғафур Ғуломнинг поэтик маҳорати» ва чандин мақолаи илмӣ ба чоп расонидаанд. Дар канори ин, силсилаи мақолаҳои устод ба таҳқиқи хидматҳои илмии олимони машҳури ӯзбек, аз ҷумла, Воҳид Абдуллоев, Ғулом Каримов, Иззат Султон, Ботир Валихоҷаев ва дигарон иншо гардидаад.

Муслиҳиддин Муҳиддинов дар баробари таҳқиқ дар тасҳеҳу нашр ва таҳрири матнҳои осори манзум ва мансури адабиёти ӯзбек саҳми арзанда доранд. Бахусус, пажӯҳишҳои эшон роҷеъ ба тарҷумаҳои ӯзбекии осори Низомӣ ва Амир Хусрави Деҳлавӣ ҳам барои адабиётшиносии тоҷик ва ҳам ӯзбек арзиш ва аҳамияти муҳимро соҳибанд.

Устод дар тарбияи шогирдон ҳам саҳми бузург доранд. То кунун зери раҳнамоии эшон 12 нафар рисолаи номзадӣ ва доктории PhD ва 5 нафар рисолаи докторӣ дифоъ гардидаанд, ки бештари мавзӯи ин пажӯҳишҳо низ ба баррасии масоили адабиёти татбиқии тоҷикиву ӯзбекӣ бахшида шудаанд.

Дар баробари чунин фаъолияти назарраси илмӣ устод Муслиҳиддин Муҳиддинов ҳамчун ходими давлативу ҷамъиятӣ дар пешрафти ҳаёти илмиву маърифатии шаҳри Самарқанд саҳми арзанда доранд. Бахусус, ҳамчун муовини ректори Донишгоҳи давлатии Самарқанд дар бахши маърифат ва маънавият ҷиҳати такмили ахлоқу афкори ҷавонон саҳми арзанда гузошта, дар ин ҷода низ чандин асар ва дастурҳо ба қалам овардаанд.

Дар баробари ин, ҳамчун раиси Шӯрои ҳимояи рисолаҳои илмии назди Донишгоҳи давлатии Самарқанд низ ҷиҳати тарбияи олимони ҷавон дар ҷодаи таҳқиқи масоили мубрами адабиёти тоҷик ва ӯзбек саҳми шоён доранд. Дар ин шӯро ба дифоъ расидани рисолаҳое роҷеъ ба эҷодиёти Камоли Хуҷандӣ, Сайфии Бухороӣ, Мутрибии Самарқандӣ ва дигарон низ ба хидматҳои шоистаи устод дар риштаи таҳқиқи масоили марбут ба адабиёти форсу тоҷик ва тарғиби ғояву афкори судманди суханварони ин адабиёти оламшумул таъкид меварзад.

Хидматҳои бисёрсола ва садоқатмандонаи устод Муслиҳиддин Муҳиддинов аз ҷониби ҳукумати Ӯзбекистон муносиб тақдир шуда истодааст. Аз ҷумла, сазовори унвони «Ўзбекистон Республикасида хизмат кўрсатган ёшлар мураббийси», ордени «Эл-юрт ҳурмати» ва амсоли ин гуна эътирофҳо гардидаанд.

Ногуфта намонад, ки барои ноил гардидан ба чунин як камолоти илмӣ ва шахсияти бузург ҷойгаҳи падари ин марди бузург шодравон эшони Қутбиддинхон беандоза аст. Эшони Қутбиддинхон донишманди воқеан бузург буданд, ки баҳри рушди забон ва адабиёти ҳам ӯзбек ва ҳам тоҷик саҳмгиранд. Ин марди асил барои мураттаб гардидани луғати дуҷилдаи «Фарҳанги забони тоҷикӣ» саҳми мондагор гузоштаанд. Маҳсули илмиву эҷодии Қутбиддинхон ба эҳтироми аҳли илми ду кишвар – Ӯзбекистон ва Тоҷикистон сазовор гардидааст.

Дар ин рӯзҳои мубораку фархунда ва хуҷаста, ки устод Муслиҳиддин Муҳиддинов ба синни мубораки 80 қадам мегузоранд, пеш аз ҳама таманнои тандурустии устодро менамоем, ки минбаъд низ чун ҳодиву раҳнамои аҳли адаб, бахусус адабпажӯҳишон дар хидмат бошанд.

**Ҷумъа ҲАМРОҲ,**
**доктори илмҳои филологӣ,**
**профессори Донишгоҳи давлатии Самарқанд.**

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ
Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ўзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-428.
Адади нашр 3738. Ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ.
Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757

Муҳаррири навбатдор:
Н. Нодирова.
Саҳифабанд-дизайнер:
Х. Тӯхтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 21.00
Ба чоп супурда шуд — 01.30

**Нишонии мо:**
**100011 ш.Тошканд, кӯчаи Навоӣ, 30, ошёнаи 4.**
Телефонҳо: қабулгоҳ: +998555200337;
Котибот +998555200336.
Факс: +998555200337.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.